**Сарчашмаҳои маълумот** аз маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, қонунгузорӣ ва дигар маводҳои мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ, инчунин аз маълумоти тадқиқоти ва пурсишҳои иҷтимоӣ, ки аз ҷониби муаллиф гузаронида шудаанд, иборат мебошанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд солҳои 2022-2025 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар рушди ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таъмини молиявии саноатикунонии иқтисоди минтақавӣ дар шароити муосир, инчунин таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалӣ барои такмил додани раванди идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти вилояти Суғд мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини ба даст овардаи муаллиф ва навгонии онҳо бо муқаррароти зерин тавсиф мешаванд:

- ба низом даровардани мафҳумҳои назариявии фаҳмиши “идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонӣ” анҷом дода шуд, ки дар асоси он мазмуни аслии ин фаҳмиш дарк карда шуд. Идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии минтақа маънои баланд бардоштани самаранокии танзими давлатиро дорад, аз ҷумла идоракунии маблағгузорӣ ҳамчун унсури калидӣ дар ҷамъкунӣ, тақсимот ва истифодаи оқилонаи захираҳо, таъмини навсозии стратегии пойгоҳи истеҳсолии минтақа, ҳамгироии он ба занҷирҳои арзиши миллӣ ва ҷаҳонӣ ва ташаккули иқтисодиёти саноатии рақобатпазир ва

устувор, нақши муҳимро мебозад. Имконияти истифодаи равиши методии маҷмӯи барои баҳодиҳии ҳолати идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисоди минтақавӣ, ки аз ҳамгироии нишондиҳандаҳо сарчашма мегирад, асоснок карда шудааст. Ин имкон медиҳад, ки таъсири қарорҳои идоракунӣ ба динамикаи тағйироти саноатӣ муайян карда шавад;

- асоснок карда шудааст, ки гарчанде саҳми соҳаи саноат дар сохтори МММ-и иқтисоди вилояти Суғд нисбати дигар бахшҳо баландтар аст, онро саноатӣ ҳисобидан мумкин нест, зеро дар бахши кишоварзӣ қувваи кории зиёдтар сарф карда мешавад. Гуфта метавонем, ки соҳаи истеҳсолу тақсимоти нерӯи барқ ва саноати коркарди маҳсулот динамикаи устувори рушд дорад: якум бо афзоиши маблағгузории давлатӣ ва дуюм бо густариши ҷалби сармояи хусусӣ алоқаманд аст. Муайян карда шудааст, ки бахши истихроҷи саноатӣ аз ҷиҳати суръати афзоиш нисбат ба бахши истеҳсолӣ камтар аст, аммо динамикаи мусбатро нишон медиҳад, ки бо сармоягузории хориҷӣ алоқаманд аст. Мушкилоте, ки дар рушди саноатикунонии иқтисодиёти вилояти Суғд ба миён меоянд, муайян карда шудаанд. Аз ҷумла: фарсудашавии баланди воситаҳои асосӣ, ақибмонии технологӣ дар корхонаҳои саноатӣ, рақобатнопазирии маҳсулоти истеҳсолшуда ҳам дар бозорҳои дохила ва ҳам хориҷӣ, норасоии кадрҳои баландихтисос, музди меҳнати нисбатан паст аз нуқтаи назари таъминнокӣ, норасоии сармояи гардон, вобастаги аз воридоти захираҳо, сатҳи баланди муфлисшавии корхонаҳои саноатии хурду миёна;

- таҳлили тағйироти сохторӣ дар иқтидори сармоягузории бахшҳои саноатии вилояти Суғд анҷом дода шуд. Таъсири фонди амортизатсия ба навсозии воситаҳои асосӣ асоснок карда шуд ва нақши механизми сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ дар ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ нишон дода шуд; дар асоси методикаи таҳияшуда барои баҳодиҳии самаранокии идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии минтақа, ки ба ҳамгироии давраи идоракунӣ, таҳлили омилии иқтидори сармоягузорӣ ва функсияи истеҳсолии Кобба-Дуглас асос ёфтааст, параметрҳои таъсири қарорҳои идоракунӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди иқтисодии вилояти Суғд аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ муайян карда шуданд; дар кори илмӣ навсозии механизми идоракунии маблағгузории саноатикунонӣ, ки ба рушди устувор ва принсипҳои иқтисоди сабз нигаронидааст, пешниҳод шудааст ва ин имкон медиҳад, ки рушди иқтисодии минтақа бо устувории экологӣ ва технологӣ

муттаҳид карда шавад ва вобастагӣ аз сармоягузории мустақими хориҷӣ ба ҳадди ақал расонида шавад;

- механизми идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии устувор дар сатҳи минтақавӣ асоснок карда шудааст. Он рушди тадриҷии фарҳанги экологӣ, рушди энергияи сабз, кишоварзии сабз, саноати коркард, инфрасохтори нақлиёт ва танзими таъсири манфии саноати истихроҷ ва металлургияро ба муҳити зист, дар бар мегирад. Модели пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки саноатикунонии анъанавиро ба принсипҳои иқтисоди сабз мутобиқ карда, рушди устувори иқтисодӣ таъмин карда шавад, сармояи табии минтақа ҳифз карда шавад ва некӯаҳволии мардум тавассути оптимизатсияи ҷараёнҳои молиявӣ, пешбурди ташаббусҳои сабз ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ беҳтар карда шавад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- фаҳмиши консептуалии муаллиф барои категорияи "идоракунии маблағгузории саноатикунонӣ" ва робитаи муайяншуда байни назарияҳои идоракунӣ ва иқтисоди минтақавӣ;

- натиҷаҳои таҳлили раванди саноатикунонии вилояти Суғд ва хусусиятҳои муайяншудаи таъмини молиявии ин раванд дар минтақа;

- натиҷаҳои баҳодиҳии миқдорию сифатии таъсири қарорҳои идоракунӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди иқтисодиёти вилояти Суғд;

- механизми таҳияшудаи идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонӣ дар шароити иқтисодиёти сабз ва тавсияҳои илмию амалӣ барои такмил додани идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии минтақа.

**Аҳамияти назариявӣ ва методологии таҳқиқот** дар таҳия ва асоснок кардани принсипҳои назариявӣ ва методологии идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии минтақа дар шароити рушди иқтисоди сабз мебошад. Маводҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот барои дарки ҳамаҷонибаи механизми идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисоди минтақа дар шароити рушди иқтисоди сабз ва таъсири ин раванд ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои асоснокшуда метавонанд ҳамчун фишанги ислоҳкунӣ барои танзими сиёсати иқтисодии минтақавӣ оиди фароҳам овардани шароит барои рушди саноати "сабз" ва гузариши иқтисодӣ ба марҳилаҳои босифати рушд истифода шаванд. Онҳо инчунин метавонанд аз ҷониби Раёсати сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатии Мақомоти иҷроияи вилояти Суғди Ҷумҳурии

Тоҷикистон истифода шаванд (маълумотномаи татбиқ №261 аз 30 сентябри соли 2025).

Муқаррароти назариявии диссертатсияро метавон дар раванди таълим ҳангоми хондани фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисоди минтақавӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Молияи ташкилотҳо», «Молия ва қарз» ва «Менеҷмент» метавон истифода бурд (санади татбиқ аз 07.11.2025).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо эътимоднокии маълумот, ҳаҷми кофии маводи тадқиқотӣ, ҷамъоварӣ, сохторбандӣ, коркард ва таҳлили захираҳои иттилоотӣ оид ба такмили механизми идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисоди минтақавӣ дар асоси тамоюлҳои муосири илм ва амалияи иқтисодӣ, нашри натиҷаҳои рисола дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ ва иштироки муаллиф дар конфронсҳои байналмилалии илмӣ ва амалӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси 6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат мекунад: бандҳои 15. Ҳадафҳо ва механизмҳои сиёсати давлат оиди рушди ҳудудӣ. Шаклҳо ва механизмҳои ҳамкорӣ байни минтақаҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои калидии рушди иҷтимоию иқтисодӣ. Мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ; 25. Таъминоти сармоягузории воҳидҳои маъмурию фазоӣ. Танзими сармоягузории ҳудудҳо. Лоиҳаҳои сармоягузории ҳудуди. Фазои сармоягузорӣ дар заминаи воҳидҳои ҳудудию минтақавӣ. Афзоиши ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҳудудҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Муаллиф саҳми назаррас дар шарҳи ҳамгироии назариявии мафҳумҳои менеҷмент ва иқтисоди минтақавӣ, таҳияи мафҳуми “идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии минтақа” ҳамчун ҷузъи калидии илми муосири иқтисодӣ гузоштааст. Дар асоси омӯзиши асосҳои мушаххаси омилҳои институтсионалӣ дар минтақа, ки аз рушди мушаххаси иқтисодӣ ва шароити таърихӣ бармеоянд, механизмҳо ва роҳҳои асосии тағир додани онҳо дар шароити бозори рушдёбанда дар иқтисодиёти минтақа асоснок карда шудаанд. Ғайр аз ин, саҳми шахсии довталаб оиди ба даст овардани натиҷаҳо иштироки мустақим дар ҷамъоварӣ, коркард, сохторбандӣ, тафсир, таҳлил ва низомбандии маълумот дар ҳама марҳилаҳои таҳқиқот дар бар мегирад; ва таҳияи

тавсияҳои амалӣ барои истифодаи ин маводи тадқиқотӣ дар заминаи татбиқи чораҳои исботшуда оиди амалияи хориҷӣ барои беҳтар кардани механизми идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии минтақавӣ, ки дар нашрияҳои тавсияшуда аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиони дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла дар конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Рушди устувор дар бахшҳои иқтисодӣ, некӯаҳволии иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва беҳтар кардани некӯаҳволии Тоҷикистон" (Хуҷанд, 2025), дар конфронси байналмилалии илмӣ-амалии "Рушди самараноки низомҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ дар воқеияти муосир: инноватсия, устуворӣ ва амният" (Владимир, 2023); дар конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Илм, тадқиқот, маориф: таҳдидҳои (чолишҳои) нави замони муосир» (Москва, 2022); дар конфронси байналмилалии XXXVIII илмӣ-амалии "Илми муосир: масъалаҳои мубрам, дастовардҳо ва навовариҳо" (Анапа, 2021); дар конфронси байналмилалии илмӣ-амалии "Ҷанбаҳои молиявӣ ва иқтисодии рушди сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Хуҷанд, 2023) баррасӣ ва тасдиқ карда шуданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақола нашр шудаанд, ки дар маҷмӯъ 11,5 ҷ.ч. (7,5 варақаи муаллифӣ), аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нашри натиҷаҳои тадқиқот тавсияшуда, ки дар маҷмӯъ 5,5 ҷ.ч. (3,6 варақаи муаллифӣ) ташкил медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки аз нӯҳ параграф иборатанд, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст, ки 195 истинод дорад. Диссертатсия дар 204 саҳифаи чопӣ пешниҳод шудааст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** аҳамият, мубрамияти мавзӯи тадқиқот асоснок карда шудааст, сатҳи таҳқиқи илмӣ нишон дода шудааст, робитаи тадқиқот бо барномаҳо (лойиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмии кафедра нишон дода шудааст, ҳадаф ва вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқот муайян карда шудааст, асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ оиди ба даст овардани натиҷаҳои тадқиқот, санҷиши

натиҷаҳои тадқиқот, нашрияҳо дар мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф карда шудаанд.

**Дар боби аввал, “Асосҳои назариявии идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақавӣ”,** моҳият ва асосҳои илмии саноатикунонии иқтисодиёти минтақавӣ, ҷанбаҳои назариявии идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақавӣ ва усулҳои баҳодиҳии таъсири идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақавӣ баррасӣ мешавад. Ин бахши рисола инчунин таҷрибаи байналмилалиро дар идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодӣ ба низом медарорад ва имконияти татбиқи онро дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мекунад.

Дар рисола муаллиф моҳияти саноатикунониро ҳамчун гузариши иқтисодиёт аз асоси аграрӣ-тиҷоратӣ ба бартарии истеҳсолоти саноатӣ, бо таъсиси корхонаҳои калон ва афзоиши таҷҳизоти техникӣ ҳамроҳ аст, ки самаранокии меҳнатро афзоиш медиҳад, баррасӣ мекунад. Фаҳмиши консептуалии дигар олимон, ба монанди Н.А. Кузмина, низ оварда шудааст, ки дар он гуфта мешавад: “Саноатикунонӣ (аз лотинии industria – ҳунармандӣ, меҳнатдӯстӣ, фаъолият) – ин раванди гузариши кишварҳои аграрӣ ба саноатикунонӣ тавассути таъсиси саноати мошинсозии калон мебошад, ки боиси бартарии соҳаи истеҳсолот дар тамоми иқтисоди миллӣ, тағйироти сифатӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ дар кишоварзӣ, тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар рушди ҳосилнокӣ, иваз кардани истеҳсолоти хурди саноатӣ бо истеҳсолоти калон, афзоиши шаҳрҳо, таъсиси марказҳои калони саноатӣ, мегардад” [38]. Муҳаққиқи дигар, Б.В. Дроздов, қайд мекунад: “Саноатигардонӣ – ин раванди таъсиси иншооти истеҳсолии калон аст, ки боиси афзоиши босуръати таҷҳизоти техникии меҳнат ва ҳосилнокии он мегардад. Дар истеҳсоли пӯлод, ин тамоюл дар рушди иншооти пуриқтидори истеҳсолӣ, бо сатҳи баланди консентратсия, тахассус ва ҳамкорӣ, ки ба технологияҳои хеле самаранок ва бепартов асос ёфтаанд, тавсиф мешавад” [31]. Ҳовард Парк ва Камал Сагги дар бораи моҳияти саноатикунонӣ қайд мекунанд: “Саноатикунонӣ як навъи дахолати интихобии ҳукумат аст, ки бояд барои ташкили сарчашма барои рушди алтернативии иқтисодии давлат равона карда шавад. Дар сурати набудани чунин дахолат, тағйир додани манбаъҳои рушди иқтисодӣ ҳангоми кам шудани захираҳо дар шароити табиӣ ғайриимкон хоҳад буд. Саноатикунонӣ, дар ин ҳолат, марҳилаҳои аввалисаноатӣ ва охирисаноатиро мегузарад. Ин марҳилаҳои саноатикунонии

кишвар дар асоси натиҷаҳои таҳлили динамикаи суръати афзоиши ММДи як қатор кишварҳои саноатӣ, ҳаҷми содирот ва воридоти маҳсулоти истеҳсолшудаи онҳо, муайян карда шудаанд” [67]. J. Pulatov қайд мекунад: “Саноатикунонӣ – ин раванди иқтисодӣ ва технологӣ мебошад, ки гузариши иқтисодиёти ба тиҷорат ва истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ асос ёфтаро ба иқтисодиёти саноатӣ ифода мекунад. Як намуди саноатикунонӣ аз ҷониби давлат барои дастгирии истеҳсолоти дорои технологияҳои баланд ва маҳсулоти дорои арзиши иловашудаи баланд равона карда мешавад, ки онро саноатикунонии инноватсионӣ номидан мумкин аст” [68]. Е. Ю. Рукосуев ва Г. Н. Шумкин саноатикуониро чунин шарҳ медиҳанд: “Саноатикунонӣ, яъне раванди иваз кардани меҳнати дастӣ бо технологияи мошинӣ асту самти асосии табдили саноат дар асрҳои XIX–XX мебошад. Дар раванди саноатикунонӣ ҳосилнокии меҳнат, маҳсулоти умумӣ меафзояд ва пас ба миён омадани технологияҳои нав намудҳои нави маҳсулот, бозорҳои нав ва соҳаҳои нави саноат пайдо мешаванд. Аммо, ин таъсири саноатикунонӣ дар ҳар як соҳа дар шаклҳои хоси худ зоҳир мешавад. Дар саноати металлургӣ онҳо бештар дар металлургияи сиёҳ; дар саноати маъдан, дар истихроҷи карбогидридҳои минералӣ (ангишт ва нафт) зоҳир шуданд. Дар ин соҳаҳо афзоиши босуръати нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолӣ (маҳсулот, ҳосилнокии меҳнат) ба амал омада, дар натиҷа онҳо ба рушди тамоми иқтисодиёт таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Тасодуфӣ нест, ки асри XIX ғайрирасмӣ “асри ангишт ва пӯлод” номида шуда, асри XX ба “асри нафт” табдил ёфт” [52]. Ю.К. Салникова изҳор мекунад: “Саноатикунонӣ раванди таъсиси иншооти истеҳсолии калон аст, ки боиси афзоиши босуръати таҷҳизоти техникии меҳнат ва афзоиши ҳосилнокии он мегардад. Саноатикунонӣ дар таъсиси иншооти пуриқтидори истеҳсолӣ, ки бо сатҳи баланди махсусгардонӣ ва ҳамкорӣ дар асоси технологияҳои пӯшида, бепартов ва хеле самаранок тавсиф шуда, ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот ва таъмини ҳаётро фаро мегирад” [57]. И.В. Побережников қайд мекунад: “Саноатикунонӣ ҳамчун раванди иваз кардани меҳнати дастӣ бо технологияҳое, ки ба манбаъҳои ғайризиндаи энергия барои истеҳсоли молҳо асос ёфтаанд, фаҳмида мешавад. Суръати саноатикунонӣ одатан аз рӯи чунин нишондиҳанда ба монанди вазни қиёсии қувваи кории машғул ба соҳаи кишоварзӣ баҳо дода мешавад. Чунин мешуморанд, ки бо коҳиш ёфтани ин нишондиҳанда, ҷомеаи аграрӣ ба ҷомеаи саноатӣ табдил меёбад. Ба гуфтаи К. Керр, миллатҳои саноатӣ бояд он миллатҳое ҳисобида шаванд, ки дар онҳо

таносуби қувваи кории машғул ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 25% (ё камтар) зиёд набошад. Кам шудани шумораи қувваи кории кишоварзӣ дар шароити саноатикунонӣ бо тағйироти технологӣ, иқтисодию ташкилӣ алоқаманд аст” [22, с. 134].

Барои ҷамъбаст кардани хулосаҳои олимони зикршуда, метавон гуфт, ки саноатикунонӣ омили калидӣ дар ташаккули низоми иқтисодии рақобатпазир ва устувор мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати афзояндаи байниминтақавӣ, маҳз рушди саноатӣ таъсиси ҷойҳои кории нав, афзоиши даромадҳои андозӣ ва ташаккули пойгоҳи инфрасохториро барои навсозии ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин мекунад. Барои аксари минтақаҳо, бахусус минтақаҳое, ки аз захираҳо вобастаанд, гузариш ба навъи рушди саноатӣ, шарти зарурӣ буда ба ҳамгироии фазои иқтисодии миллӣ ва ҷаҳонӣ оварда мерасонад.

Ба гуфтаи муаллиф, рушди саноати минтақавӣ – ин як раванди бисёрҷабҳа аст, ки омӯзиши пойгоҳи захираҳо, муайян кардани имкониятҳои молиявӣ, сохтмон ва навсозии корхонаҳоро дар бар мегирад. Аммо, маҳдуд кардани таҳлил танҳо ба ин ҷанбаҳо хато аст. Бе назардошти муҳити институтсионалӣ, потенсиали захираҳои инсонӣ ва ҳамгирой бо занҷирҳои арзиши минтақавию миллӣ, ҳама гуна талошҳои гузаронидани саноатикунонӣ хатари нопурра боқӣ мондани ин равандро доро аст.

Дар диссертатсия моҳияти идоракунии маблағгузорӣ аз нигоҳи назариявӣ мавқеъҳои зеринро баррасӣ мекунад: аз нуқтаи назари ташкилӣ; аз нуқтаи назари ҷанбаи минтақавӣ; ва аз нуқтаи назари менеҷмент.

Аз нуқтаи назари ташкилӣ, баррасӣ мешаванд: идоракунии маблағгузорӣ ҳамчун як қисми системаи умумии идоракунӣ; асосҳои институтсионалии идоракунии маблағгузорӣ; чораҳо оиди такмил додани идоракунии маблағгузорӣ.

Аз нигоҳи минтақавӣ, масъалаҳои зерин омӯхта мешаванд: таъсири идоракунии маблағгузорӣ ба тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда дар минтақа; идоракунии маблағгузорӣ ҳамчун асоси фаъолияти самараноки иқтисоди минтақавӣ; идоракунии маблағгузорӣ ҳангоми ташаккули кластерҳои минтақавӣ.

Аз нигоҳи менеҷмент, таҳқиқот нигаронида шудааст: муқаррар кардани принсипҳои идоракунии маблағгузорӣ дар минтақа; идоракунии маблағгузорӣ дар заминаи ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ; равишҳо ба идоракунии маблағгузорӣ дар заминаи ноустувории даврият.

Муаллиф изҳор дорад, ки идоракунии маблағгузорӣ дар заминаи саноатикунонии минтақавӣ бояд ҳамчун раванди ҳамаҷониба, аз ҷумла танзими институтсионалӣ, таҳияи механизмҳои молиявӣ ва иқтисодӣ, сармоягузории захираҳо ва афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ баррасӣ карда шавад. Ин раванд боиси эҷоди пойгоҳи устувори саноатӣ мегардад, ки қодир ба таъмини рушди дарозмуддати иқтисодӣ, беҳтар кардани некӯаҳволии мардум ва тақвияти мавқеи рақобатпазирии минтақа дар иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошад.

Дар диссертатсия тафсирҳои илмии категорияи “идоракунии маблағгузорӣ” дар иқтисоди минтақавӣ пешниҳод карда мешаванд, ки равишҳои гуногуни методологиро барои фаҳмиш ва татбиқи амалии он инъикос мекунанд. Муаллиф ин категорияро чунин мешуморад: “Идоракунии маблағгузорӣ маҷмӯи усулҳо, фишангҳо ва воситаҳое мебошад, ки барои таъсир расонидан ба раванди маблағгузорӣ барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххас истифода мешаванд. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки ин раванди қабули қарорҳои идоракунӣ дар робита бо: муайян ва баҳодиҳии миқдори зарурии маблағҳо, баҳодиҳии самараноки ва интихоби манбаъҳои маблағгузорӣ, ҷамъкунии миқдори зарурии маблағҳо, истифодаи самаранок ва оқилонаи маблағҳо барои пешрафти иқтисоди минтақавӣ ва назорати истифодаи маблағҳо мебошад” [3-А]. Ҳамчунин, дар манбаъҳои адабиёти оид ба технологияи идоракунии маблағгузорӣ, олимоне ба монанди В.М. Зотов ва Н.М. Абдикеев қайд мекунанд: “Технологияҳои идоракунии маблағгузорӣ бо воситаҳои маблағгузорӣ пайванди ногусастанӣ доранд. Пайдоиши имкониятҳои нави ташкилӣ, қонунгузорӣ ва техникӣ (яъне рушди технологӣ) боиси пайдоиши воситаҳои нав мегардад. Ин раванд инчунин пайваста бо рушди иқтисодӣ ва илмӣ-техникии иқтисодиёт дар маҷмӯъ алоқаманд аст. Фаъолияти фондҳои сармоягузорӣ худ на он қадар воситаи молиявӣ буда, балки технологияи идоракунии маблағгузорӣ мебошад, зеро фонди сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматноки (асосан саҳмияҳо) корхона сармоягузорӣ мекунад (яъне ширкат барои ҷойгир кардани коғазҳои қиматноки худ фонди сармоягузориро ҷалб мекунад). Пас аз таҳлили муфассалтари хусусиятҳои сифатии технологияҳои нави идоракунии маблағгузорӣ, ба хулосае омадан мувофиқ аст, ки бароriши коғазҳои қиматноки рақамӣ барои маблағгузории навовариҳо дар саноат афзалтар аст” [32].

Таҳлили фаҳмишҳои дар кори илмӣ пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки мафҳуми “идоракунии маблағгузорӣ” дар иқтисодиёти минтақавӣ номунтазам тафсир карда мешавад. Баъзе муаллифон ба равиши равандӣ аҳамияти хоса медиҳанд ва модели давраи анъанавии идоракуниро пешниҳод мекунанд. Аммо, таърифи пешниҳоднамудаи онҳо васеъ набуда, ба равандҳои дохилии ширкат нигаронида шудааст. Дигарон аз навоварӣ таъкид мекунанд, ки барои дурнамои стратегӣ муҳим аст, аммо на ҳамеша хусусиятҳои хоси минтақаҳое, ки потенсиали ками инноватсиониро доранд, ба назар мегиранд. Т.В. Конорева ва В.И. Ковалев идоракунии маблағгузориро бо менеҷменти лоиҳаҳо пайваста равиши худро амалӣ, вале маҳдуд мегардонанд.

**Идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақавӣ**

**Объекти идоракунӣ**
- раванди татбиқи стратегияи саноатикунонии босуръат дар иқтисодиёти минтақавӣ

**Субъекти идоракунӣ**
- давлат (ҳукумат)
- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
- муҳити тиҷоратӣ

**Мазмун**
- баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат
- баланд бардоштани сатҳи интенсификатсия
- рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа
- беҳтар кардани некӯаҳволии мардуми минтақа
- ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва системавӣ

**Зиддиятҳо**
- самаранокии чораҳо барои татбиқи консепсияи рушди устувор коҳиш меёбад.
- саноатикунонӣ ва шаҳрсозӣ таҳдиди афзоянда ба муҳити зист ва экологияро ба вуҷуд меоранд.

**Расми 1 – Мундариҷаи категорияи иқтисодии “идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақа”**

Дар асоси таҳлили назариявии кори илмӣ, метавон гуфт, ки оиди идоракунии маблағгузорӣ таърифи универсалӣ вуҷуд надорад. Муаллифони гуногун ҷанбаҳои мушаххаси ин падидаро таъкид мекунанд, ки ҳар як мавқеъ ҳам қувват ва ҳам заифи дорад. Чунин ба назар мерасад, ки самараноктарин равиш ин синтези равандӣ, инноватсия, лоиҳавӣ ва технологӣ мебошад, ки имкон медиҳад вазифаҳои анъанавии идоракунӣ, мушкилоти муосири табдили рақамӣ ва рушди институтсионалӣ ба назар гирифта шавад.

Бо омӯзиши моҳияти идоракунии маблағгузорӣ, метавон шакли оптималии онро амалӣ кард (расми 1).

Дар адабиёти илми иқтисодӣ шумораи зиёди методикаҳо барои баҳо додани самаранокӣ ва сифати идоракунӣ мавҷуданд. Ин усулҳо истифодаи нишондиҳандаҳоро дар бар мегиранд, ки ҷанбаҳои гуногуни раванди идоракуниро инъикос мекунанд. Дар диссертатсия муаллиф ин усулҳоро ба низом дароварда имкон медиҳад, ки раванди идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти вилояти Суғд дақиқтар баҳо дода шавад.

Барои муайян кардани талабот ба маблағгузории корхонаҳои саноатӣ, ки ба истеҳсолот тахассус доранд, ҳисоб кардани миқдори маблағи лозима дар муддати муайян, зарур аст. Бо назардошти он, ки корхонаҳои саноатӣ асосан дар истеҳсолот иштирок мекунанд, қисми зиёди хароҷоти захираҳои молиявӣ марбут ба захираҳои моддию инсонӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳо равона карда мешавад. Аммо, ба миқдори хароҷоти захираҳои молиявӣ омилҳо ба монанди андозаи қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ низ таъсир мерасонанд. Мантиқ ин аст, ки афзоиши қарзҳои кредиторӣ боиси қисман ба таъхир андохтани пардохтҳо ва кам шудани ниёз ба захираҳои молиявӣ дар давраи ҷорӣ мегардад. Тағйирёбии қарзҳои дебиторӣ, аз ҷиҳати мантиқӣ, таъсири баръакс ба тағйирёбии қарзҳои кредиториро дорад, яъне кам шудани қарзҳои дебиторӣ қаноатмандӣ ба захираҳои молиявиро зиёд мекунад ва баръакс.

Ҳамин тариқ, талаботи воқеӣ ба маблағгузориро (Vв(вок)) метавон чунин ҳисоб кард:

$$V_{в(вок)} = Z - \Delta КК - \Delta ДД \quad (1)$$

ки дар инҷо ΔКК тағйирот байни бақияи қарзҳои кредиторӣ дар охир ва аввали давра, баробар ба (КЗохир – КЗаввал);

ΔДД тағйирот байни бақияи қарзҳои дебиторӣ дар аввал ва охири давра, баробар ба (ДЗаввал – ДЗохир) [37].

Баҳодиҳии миқдории хусусиятҳои сохтори саноатии минтақа имкон медиҳад, ки соҳаҳои бартаридошта, ба истилоҳ соҳаҳои тахассусӣ, муайян карда шаванд. Ин баҳодиҳӣ дар асоси нишондиҳандаҳои истеҳсолот, арзиши иловагии умумии сабтшуда ва шуғл анҷом дода мешавад.

Барои муайян кардани мавқеи саноати минтақавӣ дар сохтори иқтисодиёти кишвар, коэффитсиентҳои маҳаллисозии (ихтисосгузории) истеҳсолот ҳисоб карда мешаванд:

$$K_{ir} = \frac{\frac{q_{ir}}{Q_r}}{\frac{q_i}{Q}} \qquad (2)$$

ки дар инҷо $q_{ir}$ – ченаки истеҳсоли маҳсулоти саноати i дар минтақаи r;

$q_i$ – ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноати i дар тамоми кишвар;

$Q_r$ – ченаки ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаи r;

$Q$ — ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар кишвар.

Қимати коэффитсиенти $K_{ir}$ консентратсияи (ё маҳаллисозии) саноати i-ро дар минтақаи r ифода мекунад.

Соҳаҳое, ки бо коэффитсиенти баланди $K_{ir}$ тавсиф шуда, соҳаҳои махсусгардонидашуда ҳисобида мешаванд. Ин соҳаҳо минтақаро бо ҷаҳони беруна пайваста муносибатҳои содиротию воридотиро таъмин мекунанд.

Вақте ки арзиши $K_{ir}$ аз 1 зиёд бошад, пас маҳаллисозии саноати i дар минтақаи r аз ҳиссаи медиании ин саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар зиёдтар аст.

Вазифаи муҳим дар татбиқи саноатикунонии босуръат муайян кардани омилҳое мебошад, ки ба ин раванд таъсир мерасонанд. Мо фарз мекунем, ки омилҳои ба саноатикунонӣ таъсиррасонанда, аз ҳамдигар вобаста буда, онро ҳамчун муодилаи регрессия нишон додан мумкин аст. Асоси математикии модели баҳодиҳии сатҳи саноатикунониро метавон чунин нишон дод:

$$\text{Саноатикунонӣ}_{it} = \beta \sum z_{it} + \theta_t + u_{it} \qquad (3)$$

ки дар инҷо, $i$ давлат ё минтақаро мефаҳмонад;

$t$ – сол ё ин ки давраи вақт;

$\theta_t$ – ин як таъсири муайяни вақт аст, ки барои назорат кардани зарбаҳои тағйирнопазири кишвар (ба монанди бӯҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ, ноустувории нархҳои байналмилалии молҳо), ки ба рушди иқтисодӣ ва саноатикунонӣ таъсир мерасонанд;

$z$ – вектори омилҳои тағйирёбанда;

$u_{it}$ – коэффитсиенти хатогӣ;

β – коэффитсиенти боркунии омил, ки бо истифода аз усули хурдтарин квадратҳо ҳисоб карда мешавад.

Ин тағйирёбандаи вобаста аз ду индикатор (нишондиҳанда) иборат аст, ки арзиши максималиаш 1 мебошад. Вақте ки муодила ба 1 баробар аст, кишвар аз ҷиҳати саноатикунонӣ муваффақ ҳисобида мешавад. Ҳисобҳои мо бо истифода аз маълумоти эмпирикӣ нишон доданд, ки арзиши ин коэффитсиент тақрибан 0,47 аст, ки нишондиҳандаи паст барои саноатикунонии муваффақонаи иқтисодӣ ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, такмили минбаъдаи сиёсати иқтисодӣ барои сохтани модели мусоид ва муваффақ барои саноатикунонии иқтисодӣ зарурат пайдо мешавад.

Дар муодилаи пешниҳодшуда, вектори тағйирёбандаҳои z натиҷаи асосиро ифода мекунад, зеро он омилҳои таъсиррасонандаи саноатикунониро тавсиф мекунад. Дар адабиёт, ин тағйирёбандаҳо ҳамчун омилҳои иқтисодӣ, демографӣ, институтсионалӣ ва сиёсӣ тасниф карда мешаванд, ки ба дараҷаи саноатикунонии муваффақ дар давраи муайян таъсир мерасонанд. Ин омилҳо на танҳо ба саноатикунонӣ, балки ба тағйироти сохторӣ ва рушди умумии иқтисодӣ дар кишвар низ таъсир мерасонанд.

Бояд қайд кард, ки низоми молиявӣ дар мусоидат кардан ба қабули қарорҳои пасандозгузорӣ ва сармоягузорӣ, бахусус дар бахшҳои истеҳсолӣ, нақши муҳим мебозад. Мутаассифона, набудани бозори дуюмдараҷаи коғазҳои қиматнок ба саноаткунонӣ ва рушди умумии иқтисодии ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Тамоюли ҷаҳонӣ барои татбиқи стратегияҳо ва тадбирҳо дар доираи консепсияи иқтисоди сабз ба вуҷуд омадааст. Модели иқтисоди сабз омезиши мутаносиби ҷанбаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоиро талаб мекунад. Камбудии назарраси низоми иқтисодии кунунӣ набудани дастурҳо ва ангезаҳо барои таъмини амнияти экологӣ барои наслҳои оянда мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, маблағгузории “сабз” дар шароити тағйирёбии экологӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба механизми калидии саноатикунонӣ табдил меёбад. Чин, Русия, ИА (Иттиҳоди Аврупо) ва дигар кишварҳо фаъолона воситаҳои институтсионалӣ ва молиявиро барои

дастгирии лоиҳаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, таҳия мекунанд: қарзҳои “сабз”, вомбаргҳо, фондҳо, суғурта ва маблағгузории махсус. Ин воситаҳо имкон медиҳанд, ки сармояи хусусӣ ва давлатӣ ба самтҳои афзалиятнок - энергияи барқароршаванда, нақлиёт, инфрасохтор, саноат ва технологияҳои экологӣ равона карда шавад. Амалияи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки татбиқи низоми маблағгузории “сабз” на танҳо рушди бозор, балки сохтани чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ, стандартҳо ва механизмҳои назоратро низ талаб мекунад, ки шаффофият ва эътимоди сармоягузоронро таъмин хоҳад кард.

Маблағгузории “сабз” бартариҳо ва ҳам камбудиҳоро дорад. Аз як тараф, он гуногунии портфели сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, рушди устувор, беҳтар шудани обрӯи корпоративиро мусоидат мекунад ва фоидаи дарозмуддатро таъмин менамояд. Аз тарафи дигар, чунин асбобҳо наонқадар бозоргир мебошанд, ба хатарҳои иқтисодӣ рӯ ба рӯ аст, хароҷоти иловагии мониторинг ва баҳисобгириро талаб мекунад ва бо набудани стандартҳои ягона шарҳ дода мешавад. Бо вуҷуди ин, тамоюлҳои ҷаҳонӣ аҳамияти афзояндаи маблағгузории “сабзро” нишон медиҳанд, ки тадриҷан ба пояи саноатикунонии нав, ки ба устуворӣ, бехатарии экологӣ ва самаранокии захираҳо нигаронида шудааст, табдил меёбад.

Бисёре аз олимони ҷомеаи иқтисодии ҷаҳонӣ андешаҳои худро дар бораи моҳияти саноатикунонии нав баён кардаанд. Масалан, Е.Б. Колбачев ва А.В. Ефимов бо тафсири принсипи ин консепсия қайд мекунанд: “Принсипи саноатикунонии нав – ин баланд бардоштани сатҳи умумии рақобатпазирии кишвар тавассути коҳиш додани бекорӣ ва афзоиши шумораи ҷойҳои кории нав мебошад. “Муҳаррики” асосии иҷроиши ин вазифа бахши саноатӣ мебошад, зеро маҳз ҳамин бахш метавонад рушди босуръат, босифати иқтисодӣ ва афзоиши ҳосилнокии меҳнатро таъмин кунад” [36]. Олимони дигар, ба монанди С.С. Губанов ва М.М. Мусин, бо ҷодо кардани консепсияи классикии саноатикунонӣ ва консепсияи нави он, изҳор доранд: “Бар хилофи консепсияи классикии саноатикунонӣ, саноатикунонии нав, ки дараҷаи навро (дуюмро) дорост, марҳилаи сифатан баландтари рушдро таҷассум мекунад ва инчунин бо объект ва субъекти худ фарқ мекунад. Агар саноатикунонии аввал бо ихроҷи моддаҳои заҳролуд ва зараровар, ки “ифлос” аст, ҳамроҳ бошад, пас саноатикунонии дуюм (нав), аз рӯи мафҳум, аз ҷиҳати экологӣ тоза аст, зеро он барои бартараф кардани оқибатҳои аввалин пайдо шудасст. Аз ин рӯ, саноатикунонии нав аксар вақт бо инқилоби сеюми саноатикунонӣ (“сабз”) алоқаманд аст. Татбиқи саноатикунонии нав бо дастгирии

комплексҳои муттаҳидшуда, пеш аз ҳама дар тамоми бахши инфрасохтори иқтисоди миллӣ, яъне саноати барқ, саноати ҳавопаймоӣ, бахши нақлиёт ва агросаноатӣ, вобаста аст” [27]. Бо назардошти ин гуфтаҳо, метавон чунин ҳисобид, ки омили муҳим дар рушди минбаъдаи саноатикунонӣ ва маблағгузории он татбиқи ин равандҳо дар асоси принсипҳои рушди устувор мебошад.

**Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Ҳолати кунунӣ, мушкилот ва бартариҳои идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақа»** ном дорад, вазъи кунунии саноатикунонӣ ва раванди идоракунии маблағгузорӣ ба рафти он дар иқтисоди минтақавӣ таҳлил карда шуда, роҳҳо ва вазифаҳои дурнамои баланд бардоштани самаранокии таъсири идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисоди минтақавӣ баррасӣ мешаванд.

Дар шароити имрӯза, бахшҳои саноатии вилояти Суғд пас аз фурӯпошии низоми истеҳсолоти нақшавӣ ва инфрасохтори Шӯравӣ дар раванди барқароршавӣ ва навсозӣ қарор доранд. Системаи ҷаҳонии саноати Шӯравӣ барои минтақаи ҷудогона ғайрифоиданок шуд ва тадриҷан аз байн рафтан гирифт, ки боиси ақибмонии соҳаи саноат дар минтақа гардид.

Дар марҳилаҳои аввали ислоҳоти иқтисодӣ, таъсиси инфрасохтори муносиби саноатӣ душвор буд, зеро минтақа аз норасоии шадиди захираҳои молиявӣ азият мекашид ва таҷрибаи ташкили саноат дар шароити иқтисоди бозорӣ надошт. Бисёре аз корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои стратегии муҳим, бо зарар ва иқтидори кам кор мекарданд. Ҳадафи асосии онҳо таъмини субот ва нигоҳ доштани сатҳи ҳадди ақали шуғл дар минтақа буд ва бо ин васила ҳамчун пули гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ хидмат мекард.

Саноати вилояти Суғд дар барқароршавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим бозидааст. Дар як вақт, он истеъмолкунандагони тамоми ҷумҳуриро таъмин мекард. Аз сабаби набудани имкониятҳо барои навсозӣ солҳои 1990, саноати вилояти Суғд дар ин раванд ба таври комил фурӯпошӣ кард.

Барои ноил шудан ба саноатикунонии пурраи иқтисодиёти минтақа, муайян кардани мушкилоте, ки дар роҳи расидан ба ҳадафи пешбинишуда монеъ мешавад, зарур аст. Барои муайян кардани ин мушкилот интихоби тактикаи мувофиқи таҳлил зарур аст. Сохтори равиши таҳлил (сатҳи саноатикунонии иқтисодиёти минтақа) дар расми 2 нишон дода шудааст.




**Расми 2 – Самтҳои таҳлили саноатикунонии иқтисодиёти минтақа**

Таҳлилро метавон аз нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии минтақа, яъне вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, оғоз кард. Вилояти Суғд як минтақаи муҳими низомсоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Иқтисодиёти он дар кишвар нақши калидӣ дорад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) Тоҷикистон барои соли 2024 тақрибан 153,4 млрд сомониро ташкил дод. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии (МММ) вилояти Суғд дар ҳамин давра тақрибан 42,4 млрд сомониро ташкил дод. Ҳангоми ҳисоб кардан, МММ тақрибан 28% ММД кишварро ташкил медиҳад.

Сатҳи саноатикунонии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷадвали 1 мушоҳида намудан мумкин аст.

Таҳлили омилҳои рушди иқтисодӣ, ки дар асоси баррасии татбиқи Стратегияи миллии рушд (соли 2015) гузаронида шудаанд, нишон дод, ки рушди иқтисодӣ дар кишвар аз омилҳои зерин ба вуҷуд омадааст: афзоиши сармоягузории давлатӣ ва интиқоли маблағҳо. Оянда наздик, дар марҳилаи нави рушд, таъсири ин омилҳо ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ маҳдуд хоҳад буд. Дар чунин шароит, кишвар бояд барои рушди минбаъда ба сармоягузориҳои дарозмуддат оиди рушди нерӯи инсонӣ ва афзоиши саҳми сармоягузорони хусусии ҳам дохила ва ҳам беруна (хориҷа), гузарад.

**Ҷадвали 1 – Сатҳи саноатикунонии соҳаҳои иқтисодии минтақавӣ дар солҳои 2000–2024**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Афзоиши нишондиҳандаҳо (%) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2000-2024 | 2023-2024 |
| 1 | Сатҳи интенсификатсияи кишоварзӣ (коэффитсиенти Т/га) | 0,018 | 0,0042 | 0,004 | 0,004 | 0,003 | **-81%** | **-1%** |
| 2 | Масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ (ҳазор гектар) | 1086,4 | 1099,4 | 1099,6 | 1099,4 | 1099,6 | **1%** | **0,02%** |
| 3 | Тракторҳо, мошинҳои боркаш, дигар намудҳои мошинҳо ва таҷҳизот барои кишоварзӣ (адад) | 19781 | 4638 | 4404 | 3848 | 3824 | **-81%** | **-1%** |
| 4 | Муҷаҳҳаз будани корхонаҳои саноатӣ ба таҷҳизоти техникӣ | 21,7% | 76,5% | 77,1% | 78,3% | 81,2% | **4 мар** | **4%** |
| 5 | Сатҳи интенсификатсияи бахши тиҷорат ва хизматрасонӣ | 16% | 60% | 62% | 65% | 67% | **4 мар** | **3%** |
| 6 | Муҷаҳҳаз будани соҳаи нақлиёт, аз он ҷумла | | | | | | | |
| | фурудгоҳҳо ва майдонҳои ҳавопаймоӣ (адад) | 3 | 7 | 7 | 7 | 7 | **2 мар** | **0%** |
| | роҳи оҳан (км) | 140 | 290,2 | 290,2 | 290,2 | 290,2 | **2 мар** | **0%** |
| | роҳҳои автомобилгард (км) | 4620 | 8184,7 | 8184,7 | 8184,7 | 8184,7 | **77%** | **0%** |
| | шумораи автомобилҳо, дар умум (ҳазор дона) | 41,36 | 189,85 | 204,79 | 223,03 | 235,05 | **6 мар** | **5%** |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти солонаи омории вилояти Суғд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. - саҳ. 358-359, 417-429, 2025. - саҳ. 200, 256-260, дар асоси натиҷаҳои пурсиши коршиносони даҳ корхонаи истеҳсолӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати нақлиёти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянддаи наздик бояд ба модели нави рушди иқтисодӣ, ки ба сармоягузорӣ, содирот ва ивазкунии воридот асос ёфтааст, гузарад. Ин вазифа шарт ва зарури барои татбиқи Стратегияи миллии рушд то соли 2030 мебошад. Қисми зиёди талошҳо барои тағйир додани модели рушд, ба давраи Барномаи рушди миёнамуҳлат (2025-2030) рост меояд.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои соҳаи саноат бармеояд, ки саҳми шуғл дар ин соҳа нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодиёт коҳиш меёбад. Ин коҳишёби аз сабаби афзоиши интенсификатсияву навоварӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ, идоракунии корхонаҳои соҳаи саноат мебошад. Тибқи омори расмӣ, баландтарин сатҳи навсозии воситаҳои асосӣ маҳз дар соҳаи саноат ба назар мерасад. Соли 2023, сатҳи навсозии воситаҳои асосӣ дар саноат 23,4% ташкил дод, ки байни дигар бахшҳои иқтисодиёт баландтарин аст. Аммо, соли 2024 ин рақам то 9,9% коҳиш ёфт (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2 – Имкониятҳои инноватсионӣ барои саноатикунонии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019–2024.**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Афзоиши нишондиҳандаҳо (%) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | 2019-2024 | 2023-2024 |
| 1 | **Сатҳи фарсудашавии воситаҳои асосии соҳаҳои иқтисодиёти минтақа** | | | | | | | | |
| | саноат | 27,8% | 41,3% | 35,4% | 33,4% | 25,3% | 13,8% | **-50%** | **-45%** |
| | кишоварзӣ | 6,6% | 13,0% | 14,2% | 5,5% | 18,0% | 7,2% | **10%** | **-60%** |
| | сохтмон | 5,7% | 3,5% | 0,8% | 4,2% | 9,2% | 5,0% | **-11%** | **-45%** |
| | тиҷорат ва хизматрасонӣ | 9,4% | 7,6% | 5,3% | 7,3% | 8,2% | 2,8% | **-70%** | **-66%** |
| | нақлиёт ва алоқа | 27,6% | 8,4% | 7,6% | 8,1% | 9,3% | 15,1% | **-45%** | **62%** |
| | фаъолияти молиявӣ | 22,9% | 11,9% | 22,6% | 26,4% | 32,1% | 11,1% | **-52%** | **-65%** |
| 2 | **Коэффитсиенти навсозии воситаҳои асосӣ аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти минтақа** | | | | | | | | |
| | саноат | 13,3% | 24,0% | 15,7% | 19,7% | 23,4% | 9,9% | **-26%** | **-58%** |
| | кишоварзӣ | 6,2% | 12,3% | 13,0% | 13,8% | 10,7% | 7,7% | **24%** | **-28%** |
| | сохтмон | 66,7% | 35,3% | 5,1% | 10,6% | 2,4% | 1,3% | **-98%** | **-46%** |
| | тиҷорат ва хизматрасонӣ | 13,4% | 8,2% | 6,7% | 4,0% | 10,9% | 40,8% | **3мар** | **4мар** |
| | нақлиёт ва алоқа | 9,6% | 7,4% | 8,2% | 8,7% | 6,3% | 36,5% | **4мар** | **6мар** |
| | фаъолияти молиявӣ | 8,1% | 8,9% | 21,8% | 17,4% | 37,6% | 17,8% | **2мар** | **-53%** |

Сарчашма: Ҳисобҳои гузаронидашудаи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои солонаи Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (солҳои 2019–2024) омода шудааст.

Гарчанде ки суръати навсозии воситаҳои асосӣ дар соҳаи саноат гуногун аст, аз ҷиҳати фарсудашавии воситаҳои асосӣ низ соҳаи мазкур мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Сатҳи фарсудашавии воситаҳои асосии соҳаи саноати минтақа соли 2023 25,3% ташкил дод, ки пас аз бахши молиявӣ дар ҷои дуюм қарор дорад. Соли 2024 ин нишондод 13,8% ташкил дод, ки танҳо пас аз бахши нақлиёт ва алоқа дар ҷои дуюм аст.

Бо вуҷуди ин, тавре ки дар боло қайд карда шуд, дар соҳаи саноат чораҳо ва лоиҳаҳои назаррас оид ба афзоиши интенсификатсия амалӣ карда мешаванд, ки боиси афзоиши ҳосилнокии меҳнат гардидааст (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3 – Сифати идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000–2024.**

| № | Нишондиҳандаҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти минтақа | 2000 | 2010 | 2022 | 2023 | 2024 | Афзоиши нишондиҳандаҳо (%) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2000-2024 | 2023-2024 |
| 1 | **Ҳосилнокии меҳнат** | | | | | | | |
| | саноат (ҳаз. сомонӣ) | 55,1 | 483,5 | 728,9 | 771,6 | 840,2 | **15 мар** | **9%** |
| | саноат (одам-соат) | 26,4 | 231,8 | 349,5 | 369,9 | 402,8 | **15 мар** | **9%** |
| | кишоварзӣ (ҳаз. сомонӣ) | 25,2 | 37,5 | 65,7 | 81,2 | 90,5 | **4 мар** | **11%** |
| | кишоварзӣ (одам-соат) | 16,0 | 23,9 | 41,8 | 51,7 | 57,6 | **4 мар** | **11%** |
| 2 | **Устувории молиявӣ** | | | | | | | |
| | саноат | 8,46 | 1,61 | 0,82 | 0,76 | 0,98 | **9 мар кам** | **29%** |
| | кишоварзӣ | 0,81 | 0,71 | 0,93 | 0,91 | 0,75 | **-8%** | **-18%** |
| | тиҷорат (савдо) | 1,32 | 1,33 | 1,43 | 1,37 | 1,35 | **2%** | **-2%** |
| | сохтмон | 1,60 | 1,37 | 0,99 | 0,92 | 1,00 | **-37%** | **10%** |
| | нақлиёт ва алоқа | 1,19 | 1,69 | 0,92 | 1,16 | 0,99 | **-17%** | **-14%** |
| 3 | **Рентабелнокӣ (%)** | | | | | | | |
| | саноат | 0,002 | 0,10 | 0,56 | 0,34 | 0,55 | **268 мар** | **64%** |
| | кишоварзӣ | -0,12 | 0,04 | -0,04 | 0,04 | 0,05 | **142%** | **30%** |
| | тиҷорат (савдо) | 0,05 | 0,64 | 0,46 | 0,60 | 0,49 | **10 мар** | **-17%** |
| | сохтмон | 0,06 | 0,03 | 0,19 | 0,22 | 0,39 | **7 мар** | **80%** |
| | нақлиёт ва алоқа | 0,07 | 0,23 | 0,78 | 0,72 | 0,57 | **8 мар** | **-21%** |
| 4 | **Ҳиссаи (сатҳи) вазнинии қарзҳои кредиторӣ (%)** | | | | | | | |
| | саноат | 0,12 | 0,62 | 1,22 | 1,31 | 1,02 | **9 мар** | **-22%** |
| | кишоварзӣ | 1,23 | 1,41 | 1,08 | 1,10 | 1,33 | **8%** | **21%** |
| | тиҷорат (савдо) | 0,76 | 0,75 | 0,70 | 0,73 | 0,74 | **-2%** | **2%** |
| | сохтмон | 0,62 | 0,73 | 1,01 | 1,09 | 1,00 | **60%** | **-9%** |
| | нақлиёт ва алоқа | 0,84 | 0,59 | 1,09 | 0,86 | 1,01 | **20%** | **16%** |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти солонаи омории вилояти Суғд ҳисоб карда шудааст: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021. - саҳ. 12-14, 642-674, 2025. - саҳ. 11, 366-376.

Ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноат аз соли 2000 то 2024 15 маротиба афзоиш ёфт, ки аз сатҳи баланди интенсификатсионӣ шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ дар ин соҳа коҳиш ёфтанд. Соли 2024, сатҳи устувории молиявии ин бахш 0,98 буд, ки нисбат ба соли 2000 нӯҳ маротиба коҳиш ёфтааст, аммо фоиданокӣ бошад беҳтар шудааст. Дар байни солҳои 2000 ва 2024, фоиданокии ин бахш 268 маротиба афзоиш ёфта, соли 2024 ба 0,55 расид, ки баландтарин сатҳ пас аз бахши нақлиёт аст.

Яке аз сабабҳои паст шудани нишондиҳандаҳои молиявии саноат ин аст, ки дар минтақа сатҳи баланди хароҷотҳои трансаксионӣ дида мешавад ва

инро сатҳи ошкоро будани маълумот дар иқтисодиёти минтақа нишон медиҳад (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4 – Нобаробарии маълумот дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тотористон**

| № | Нишондиҳанда | 2000 | 2010 | 2022 | 2023 | 2024 | Афзоиши нишондиҳандаҳо (%) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2000-2024 | 2023-2024 |
| 1 | Шаффофияти иттилоотии иқтисодиёти минтақа | 0,6 | 0,7 | 0,5 | 0,4 | 0,4 | -43% | 0% |

Сарчашма: Ҳисоботи солонаи Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, солҳои 2000-2024 [3].

Паст будани сатҳи шаффофияти иттилоотӣ, аз як тараф, омили афзоиши хароҷоти трансаксионӣ аст ва аз тарафи дигар, он ҳамчун монеа барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти минтақа амал мекунад. Дар давраи баррасишаванда сатҳи шаффофияти иттилоотии иқтисодиёти минтақа аз 0,6 дар соли 2000 то 0,4 дар соли 2024 коҳиш ёфт. Аз ин рӯ, идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақа низ ба ин омил вобаста шуда истодааст, ки татбиқи чораҳои мушаххасро талаб мекунад.

Дар диссертатсия аз рӯи ҳисобҳо ҷадвал тартиб дода шудааст, ки қиммати нишондиҳандаҳои калидиро барои идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии минтақа, инъикос мекунад (ҷадвали 5).

Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки минтақа аз ҷиҳати маблағгузории раванди саноатикунонӣ, аз ҷумла соҳаи саноатӣ, ноустуворӣ дорад. Ҳисоб кардани маблағгузорӣ аз рӯи вазни қиёси нишон дод, ки байни солҳои 2021 – 2024 коҳиш ёфтааст ва ин камшавӣ ба нишондиҳандаи дигар - мултипликатори сармоягузорӣ (83%) барои камшавии он таъсир расонидааст.

Ин як шарҳи оддии назариявӣ дорад: ҳар қадар сармоягузорӣ дар соҳа зиёд бошад, ҳамон қадар мултипликатор баландтар аст, дар ҳоле ки ҳар қадар сатҳи маблағгузорӣ пасттар бошад, мултипликатори сармоягузорӣ ҳамон қадар паст мешавад. Ин маънои онро дорад: яке аз нишондиҳандаҳои асосии саноатикунонии муваффақ ва самаранокии он дар минтақа, ин ҳаҷми сармоягузорие мебошад, ки ба рушди самти мазкур равона шудааст. Сармоягузорӣ дар шаклҳои гуногуни худ омили пешрафт ва шукуфои дар соҳаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла истеҳсолот, мебошад.

**Ҷадвали 5 – Нишондиҳандаҳо оиди баҳодиҳии идоракунии маблағгузорӣ дар саҳаҳои асосии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024 [3-А]**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Афзоиши нишондиҳандаҳо (%) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 2021-2024 | 2023-2024 |
| 1 | Ҳосилнокии меҳнати кормандони идоракунӣ (млн. сомонӣ барои як корманди идоракунӣ) $Пу = \frac{E}{P}$ | 4,48 | 4,6 | 4,16 | 4,18 | **-7%** | **0,48%** |
| 2 | Ҷузъи омилии иқтидори сармоягузории минтақа (арзиши стандартӣ 1 – 0,5) $F_i = \sum_{i=1}^{n} k_i$ | 0,48 | 0,55 | 0,59 | 0,71 | **48%** | **20%** |
| 3 | Ҷолибияти сармоягузории минтақа $ИП = \sum_{i=1}^{6} F_i * (1 - R)$ | 0,39 | 0,5 | 0,53 | 0,56 | **44%** | **6%** |
| 4 | Нишондиҳандаи интегралӣ барои баҳодиҳии фазои сармоягузорӣ дар минтақа $Уоу = \sqrt[n]{К1, К2, \ldots, Кn,}$ | 0,7 | 0,74 | 0,77 | 0,84 | **20%** | **9%** |
| 5 | Маблағгузории соҳа аз рӯи вазни хос (%) $Уд_{отр} = \frac{О_{отр\ i}}{О_{врп\ i}} * 100$ | 63,1 | 66 | 68,7 | 71,9 | **14%** | **5%** |
| 6 | Мултипликатори сармоягузории минтақавӣ $МИ = \frac{\Delta Доходы}{\Delta Инвестиций}$ | 3,34 | -2,57 | -2,45 | 0,58 | **-83%** | **124%** |

Сарчашма: Ҳисобҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд - Хуҷанд, солҳои 2000–2024 гузаронида шудаанд.

Дар навбати худ, ба коҳиши маблағгузории соҳаи саноати минтақа, ҷолибияти сармоягузорӣ ва фазои сармоягузорӣ дар минтақа таъсир расонид. Нишондиҳандаҳои ҳисобшудаи мо аз арзишҳои стандартӣ пастаранд. Маълумоти ҷадвали 5 коҳиши ҳосилнокии меҳнатро дар соҳаи саноати

минтақа аз соли 2021 то 2024 нишон медиҳад. Тибқи хулосаи мо, ин коҳиш аз ҳисоби афзоиши шумораи кормандони идоракунӣ ва хароҷоти идоракунӣ дар корхонаҳои саноатии минтақа ба амал омадааст.

Дар диссертатсия, дар асоси нишондиҳандаҳои рушди соҳаи саноати минтақа, функсияи истеҳсолии Коба-Дуглас низ ҳисоб карда шуд, ки арзишҳои зеринро дорост:

$$Y = 10{,}1567 * K^{-0{,}0769} * L^{1{,}1628} \quad (4)$$

Ҳосилнокии умумии омилҳо ба чунин нишондиҳанда баробар аст: A=10,1567, ки самаранокии технологияҳои истеҳсолӣ ва дигар омилҳои баҳисобнагирифтаро нишон медиҳад. Чандирии манфии сармоя (-0.0769) – ин  арзиши ғайриоддӣ ва мушкил барои моделҳои стандартии иқтисодӣ мебошад ва дар назария фарз мекунанд, ки афзоиши ҳар гуна сармоя бояд ба афзоиши истеҳсолот оварда расонад. Арзиши манфӣ метавонад чунин ҳолатҳоро фаҳмонад: 1) Маълумоти ибтидоии нодуруст аст; 2) Хатогиҳои методологӣ дар ҳисобҳо вуҷуд дорад; 3) Вазъияти ғайристандартии истеҳсолӣ, ки дар он сармояи аз ҳад зиёд ба бесамарӣ оварда мерасонад ва ба вуҷуд омадани чунин ҳолат эҳтимолияти паст дорад.

Дар диссертатсия инчунин нишондиҳандаҳои пешгӯии рушди соҳаи саноати вилояти Суғд ҳисоб карда шудаанд (расми 3).




Сарчашма: Пешгӯи аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои ҳисоботҳои солонаи Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2004-2024 тартиб дода шудааст [4].

**Расми 3 – Сенарияҳои эҳтимолӣ оиди рушди минбаъдаи маблағгузории саноатикунонӣ дар минтақа**

Пешгӯи афзоиши мӯътадили сармоягузориро нишон медиҳад: аз 9,35 млрд сомонӣ соли 2025 то 10,60 млрд сомонӣ соли 2030. Афзоиш ба таври хаттӣ ба назар мерасад, ки намунаи афзоиши тадриҷии сармоягузориро инъикос мекунад. Доираи арзишҳои пешгӯии эҳтимолияти паст ва баланд хеле васеъ аст: масалан, соли 2025 аз 6,23 то 12,47 млрд сомонӣ. Ин номуайянии шароити иқтисодии беруна, инчунин вобастагии раванди сармоягузорӣ аз воридшавии сармоягузории хориҷӣ, иқтидори буҷетӣ ва самаранокии идоракунии минтақавиро нишон медиҳад.

Умуман, метавон гуфт, ки бахши саноатии вилояти Суғд дорои имкониятҳои назарраси рушд аст. Тамоюли дарозмуддат ба тақвияти динамикаи сармоягузорӣ, сарфи назар аз давраҳои алоҳидаи коҳиш, ишора мекунад. Афзоиши пешбинишудаи ҷараёни сармоягузорӣ то соли 2030 таваҷҷӯҳи стратегии минтақаро ба саноаткунонӣ ва навсозии иншооти истеҳсолӣ тасдиқ мекунад, ки заминаро барои рушди устувори иқтисодӣ ва афзоиши рақобатпазирӣ фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, нишондиҳандаҳое, ки барои баҳодиҳии идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақа таҳқиқ шудаанд, нишон доданд, ки аз ҷиҳати сифатӣ бисёре аз ҷузъҳои идоракунӣ сатҳи паст доранд. Ин нишон медиҳад, ки оянда бояд дар иқтисодиёти минтақа чораҳо барои такмил додани механизмҳои идоракунии он амалӣ карда шаванд.

**Дар боби сеюми диссертатсия, “Такмил додани механизми идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақа”,** роҳҳои беҳтар кардани раванди идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақа баррасӣ шуда, самтҳои такмил додани механизми ин раванд дар шароити пайдоиши иқтисоди сабз асоснок карда шудаанд. Баҳодиҳии чораҳо оид ба такмил додани механизми идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии минтақавӣ низ пешниҳод шудааст.

Муаллиф изҳор мекунад, ки дар сатҳи минтақавӣ, бояд механизми мушаххаси идоракунии маблағгузории саноатикунонӣ, ки ба консепсияҳои иқтисоди сабз нигаронида шудааст, вуҷуд дошта бошад. Унсурҳои асосии ин механизм бояд ҳавасмандгардонии “сабз”, маблағгузории “сабз” ва дастгирии давлату ҳукуматро дар бар гиранд.

Барои таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа ва дар умум кишвар, саноатикунонӣ бояд ба қонунҳо ва талаботи Саноатии 4.0, 5.0 ва умуман иқтисоди сабз мувофиқат кунад. Боби аввали ин таҳқиқот маълумоти муҳимро дар бораи саноатикунонии нави устувор пешниҳод мекунад. Ҳамин

тарик, саноатикунонии устувор, ки ба талаботи иқтисоди сабз мутобиқ аст, метавонад рушди мутаносиби минтақаро таъмин кунад ва маблағгузорӣ омили муҳим дар расидан ба ин ҳадаф мебошад. Саволе ба миён меояд: маблағгузорӣ барои саноатикунонии устувор ё "сабзи" иқтисодиёти минтақа аз куҷо бояд оғоз шавад? Ҷавоб ва тафсир дар зер оварда шудааст (расми 4).

Тавре ки дар расм нишон дода шудааст, маблағгузорӣ ба саноатикунонии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои иқтисоди сабз аз фарҳанги экологӣ оғоз мешавад. Дар ин замина, таъсиси мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии нав, ки ба талаботи иқтисоди сабз ҷавобгӯ бошанд, зарур аст. Вазифаи асосии ин муассисаҳои таълимӣ тарбияи фарҳанги ахлоқӣ дар ҷомеа мебошад, ки ба бехатарии экологӣ афзалият медиҳад. Тибқи ин бахш, дар дохили донишгоҳҳо марказҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ (КИТТК) таъсис дода мешаванд. КИТТК масъалаҳоеро, ки ҳангоми татбиқи саноатикунонии устувор дар минтақа ба миён меоянд, муайян карда ҳалли онро дарёфт мекунад.




**Расми 4 – Раванди маблағгузорӣ ба саноатикунонии устувори иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Гузариш ба иқтисоди сабз чораҳоеро талаб мекунад, ки барои ҳавасмандгардонии татбиқи ташаббусҳои сабз нигаронида шудааст. Ташаббусҳои “сабз” одатан аз ҷониби бахши хусусӣ ва ҷомеа ихтиёран амалӣ карда мешаванд, дар ҳоле ки барои давлат онҳо яке аз манбаъҳои маблағгузорӣ барои рушди иқтисоди сабз мебошанд. Ин марҳила на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ аҳамияти калон дорад, балки хусусияти иҷтимоӣ дошта, барои баланд бардоштани маърифати экологӣ дар байни аҳолӣ ва корхонаҳоро хидмат хоҳад кард. Дар ин марҳила, тавре ки аллакай зикр гардид, таъсиси мактабҳои “сабз” дар ҳама сатҳҳои таълим муҳим аст, зеро таълим омили калиди барои баланд бардоштани маърифати экологӣ дар байни шаҳрвандон ҳисобида мешавад.

Принсипҳои фаъолияти мактабҳо ва донишгоҳҳои “сабз” аллакай дар хориҷа муайян, таҳия шудаанд ва таҷрибаи онҳо метавонад барои таъсиси муассисаҳои шабеҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки муассисаҳои “сабз” метавонанд манфиатҳои иҷтимоиро таъмин намуда рафтори ҷамъиятиро дар ташаккули иқтисоди сабз пайдо кунанд.

Рушди соҳаи саноати “сабз”, масъалаи калидӣ дар гузариши иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намуди сабз ҳисобида мешавад, зеро соҳаи саноат оиди таъмини рушди иқтисодӣ дар ҳама марҳилаҳо нақши муҳим мебозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди саноати “сабз” барои таъмини фаъолияти устувори ин соҳа иҷроиши якчанд марҳиларо талаб мекунад (расми 5).




**Расми 5 – Марҳилаҳои рушди соҳаи саноати “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Тавре ки дар расм нишон дода шудааст, қадами аввал дар рушди саноати "сабз" ин рушди энергияи "сабз" аст. Энергияи "сабз" бе зарар ба экосистема истеҳсол карда мешавад ва бо принсипҳои иқтисоди сабз мувофиқ аст. Тоҷикистон аллакай дар ин самт таҷриба дорад ва дар кишвар якчанд нерӯгоҳҳои барқи обӣ (НБО) фаъолият мекунанд. Ин нерӯгоҳҳо нерӯи барқ истеҳсол ва ҳатто ба кишварҳои ҳамсоя ва дур содир мекунанд. Натиҷаҳои назаррас оиди рушди энергияи "сабз" дар Тоҷикистон мушоҳида мешаванд. Сохтмони НБО Сангтуда 1, Сангтуда 2 ва Роғун, инчунин навсозии НБО мавҷудаи Норак, Себзор ва Қайроққум иқтидори истеҳсоли энергияи "сабзи" кишварро ба таври назаррас афзоиш доданд. Тибқи иттилои Вазорати энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2001 инҷониб 36 лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳҳои хурду бузурги барқи обӣ ба маблағи 2,7 млрд доллар анҷом дода шуда, ба кишвар имкон медиҳад то соли 2024 22,4 млрд доллар энергияи "сабз" истеҳсол кунад. Дар айни замон, дар ҷумҳурӣ сохтмони шаш нерӯгоҳи дигари калон ва якчанд нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ дар назар аст, ки аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст. Татбиқи лоиҳаҳо дар ин самт сармоягузории 7 млрд доллари ИМА талаб мекунад.

Умуман, бояд таъкид кард, ки рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақа танҳо бо равиши системавӣ, ки ҷузъҳои молиявӣ, идоракунӣ, ташкилӣ, технологӣ ва экологиро дар бар мегирад, имконпазир аст. Пайвастагии байни дастурҳои стратегӣ, тамоюлҳои муосир ва механизмҳои идоракунӣ хусусияти ҳамаҷонибаи саноатикунониро таъкид мекунад, ки ҳар як унсур ба натиҷаи ниҳоӣ таъсир мерасонад.

Дар диссертатсия мо кӯшиш кардем, ки таҳлили ҳамаҷонибаи муқоисавии ду самти стратегии рушди саноатии вилояти Суғдро анҷом диҳем: саноатикунонии анъанавӣ, ки ба моделҳои классикии рушди саноатӣ асос ёфтааст ва саноатикунонии устувор, ки ба технологияҳои экологӣ тоза, каммасрафи энергия ва инноватсионӣ нигаронида шудааст. Динамикаи нишондиҳандаҳо барои давраи солҳои 2004-2025, инчунин пешгӯи то соли 2030, фарқияти назаррасро дар миқёси маблағгузорӣ, афзалиятҳои сохторӣ ва суръати рушди ин ду модел нишон дод. (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6 – Таҳлили муқоисавии саноатикунонии классикӣ ва устувории вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи хароҷот барои давраи солҳои 2004-2025.**

| Солҳо | Саноатикунонии классикии минтақа (сомонӣ) | Саноатикунонии устувори минтақа (сомонӣ) |
|---|---|---|
| 2004 | 31 189 990,0 | 427 795,83 |
| 2005 | 20 609 890,6 | 460 845,00 |
| 2006 | 46 525 075,3 | 477 011,15 |
| 2007 | 58 853 246,1 | 503 169,59 |
| 2008 | 156 650 456,4 | 501 516,40 |
| 2009 | 248 456 010,5 | 642 300,89 |
| 2010 | 275 014 354,5 | 639 477,30 |
| 2011 | 330 026 719,2 | 686 805,35 |
| 2012 | 336 614 388,8 | 697 134,13 |
| 2013 | 440 411 679,8 | 697 426,73 |
| 2014 | 1 133 203 741,0 | 722 590,33 |
| 2015 | 1 583 147 486,2 | 915 867,26 |
| 2016 | 1 287 411 177,3 | 1 151 161,55 |
| 2017 | 2 513 379 724,0 | 243 804 425,81 |
| 2018 | 2 491 641 294,3 | 253 168 227,62 |
| 2019 | 2 893 571 483,6 | 364 805 613,48 |
| 2020 | 2 057 006 800,0 | 397 643 374,59 |
| 2021 | 3 701 784 402,0 | 437 476 116,00 |
| 2022 | 2 433 035 092,2 | 432 799 913,70 |
| 2023 | 1 672 756 905,8 | 421 754 801,16 |
| 2024 | 9 101 314 996,0 | 457 430 360,08 |
| 2025 | 9 352 291 337,6 | 455 626 023,84 |
| **Ҳамагӣ** | **42 164 896 251,20** | **3 473 031 957,79** |
| Нишондиҳандаҳои пешгӯӣ | | |
| 2026 | 9 603 267 679,1 | 481 711 185,89 |
| 2027 | 9 854 244 020,7 | 507 796 347,94 |
| 2028 | 10 105 220 362,3 | 533 881 509,99 |
| 2029 | 10 356 196 703,8 | 559 966 672,04 |
| 2030 | 10 607 173 045,4 | 586 051 834,09 |
| **Ҳамагӣ** | **50 526 101 811,30** | **2 669 407 549,95** |
| **Хароҷоти умумӣ то соли 2030** | **92 690 998 062,50** | **6 142 439 507,74** |

Сатчашма: Пешгӯӣ аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои ҳисоботи солонаи Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2004-2025 тартиб дода шудааст [4].

Дар ҷадвал нишон дода шудааст, ки давраи солҳои 2004-2025 бо афзоиши босуръат ва нобаробари хароҷот барои саноатикунонии анъанавӣ тавсиф мешавад. Дар ҳоле ки соли 2004 барои лоиҳаҳои саноатии анъанавӣ тақрибан 31,2 млн сомонӣ ҷудо карда шуда буд, то соли 2025 ин рақам ба 9,4 млрд сомонӣ расидааст, ки аз густариши миқёси васеи бахши саноат, навсозии инфрасохтор ва татбиқи барномаҳои асосии саноатикунонии давлатӣ шаҳодат медиҳад.

Саноатикунонии устувор дар ҳамин давра роҳи сифатан дигарро пеш гирифт. То соли 2015 нишондиҳандаҳои молиявии он хеле паст буда, камтар аз 1 млн сомониро дар як сол ташкил медоданд. Ин рақамҳо марҳилаи аввали рушди ташаббусҳои экологӣ ва набудани лоиҳаҳои назаррас, ки метавонад сармоягузориҳои калонро ҷалб кунад, инъикос мекунанд. Танҳо соли 2017 хароҷот ногаҳон ба 243,8 млн сомонӣ расид, ки гузариш ба татбиқи технологияҳои "сабз" мушоҳида шуд. Тамоюли монанд солҳои 2018-2021 мушоҳида шуд, вақте ки хароҷоти солона аз 250-430 млн сомонӣ зиёд шуд. Дар тӯли 12 соли аввал (2004-2016), ҳиссаи хароҷоти "сабз" нисбат ба хароҷоти анъанавӣ ночиз боқӣ монд, аммо солҳои 2017-2021 дастгирии системавии давлатӣ ва хусусӣ барои технологияҳои экологӣ пайдо шуда, ба нишондиҳандаи "сабзшавии" тадриҷии истеҳсолоти саноатӣ дар минтақа табдил ёфт.

Ҳамин тариқ, идоракунии маблағгузории саноатикунонӣ, ҳам дар шакли анъанавӣ ва ҳам дар заминаи иқтисоди сабз, механизми ташкилӣ ва иқтисодии таъмини устувориро ифода мекунад. Унсури ташкилӣ ҳалли масъалаҳои такмили идоракунӣ ва сохтори ташкилиро тавассути иваз кардани идоракунии функсионалӣ бо идоракунии равандӣ ва таҳияи равандҳои тиҷоратиро дарбар мегирад. Ҷузъи иқтисодӣ бошад, аз нигоҳи ба даст овардани натиҷаҳо тавассути таъмини рушди устувори соҳаи саноат дар минтақа баррасӣ мешавад.

## ХУЛОСА

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба асосноккунии нақши идоракунии маблағгузорӣ дар татбиқи саноатикунонии муваффақ ва аз ин рӯ, фароҳам овардани заминаҳо барои таъмини рушди устувори низоми иқтисодии минтақавӣ ҷамъбаст шудаанд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, хулосаҳои зерин таҳия карда шуданд:

1. Саноатикунонӣ – ин раванди рушди саҳои истеҳсолот аст, ки панҷ омили асосӣ метавонанд ба ин рушд таъсири мусбӣ ё манфӣ расонанд: омили иқтисодӣ, институтсионалӣ, рушди илму техника, омилҳои ҷуғрофӣ ва демографӣ. Агар давлату ҳукумат ба ин омилҳо диққати махсус диҳад, ин омилҳоро танзим ва назорат кунад, таъсир мусбӣ хоҳад буд. Дар беҳтарин ҳолат, иқтисоди минтақа саноатӣ хоҳад шуд, ки рушди ҳудуди ва тамоми

кишварро таъмин мекунад. Ҳамаи маълумотҳои болозикр нишон медиҳанд, ки саноатикунонӣ дар рушди иқтисодии минтақа нақши муҳим дорад.

2. Тибқи таҳқиқот, нуқтаҳои афзоишро метавон ҳамчун манбаи саноатикунонӣ барои иқтисоди минтақа баррасӣ кард. Агар давлату ҳукумат ба нуқтаҳои афзоиш диққати махсус зоҳир кунад, бахусус ба корхонаҳое, ки дорои потенсиали иқтисодии рушд мебошанд, ва қобилияти амалӣ кардани ин потенсиалро бо дастгирии молиявӣ дошта бошанд, ин ба рушди соҳаи саноат оварда мерасонад. Ҳамааш бо идоракунии самаранок ва маблағгузорӣ вобаста аст, ба ибораи дигар, саноатикунонӣ бо идоракунии маблағгузорӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Дар асоси ин, мо метавонем хулоса барорем, ки идоракунии маблағгузорӣ раванди қабули қарорҳои идоракунӣ дар бораи муайян ва интихоби манбаъҳои самаранокӣ маблағгузорӣ, ҷамъи захираҳои зарурии молиявӣ, истифодаи оқилонаи ин захираҳо барои дастгирии иқтисоди минтақавӣ ва назорати истифодаи онҳо мебошад.

3. Идоракунии истеҳсолоти саноатӣ як падидаи объективӣ дар ҳаёти ҷомеа аст ва аз ин рӯ, он бо қонуниятҳои муайян тавсиф мешавад. Ин қонуниятҳо тамоюлҳои объективии муайян, принсипҳои умумии идоракунӣ ва ҳам унсурҳои он, аз қабили ҳадафҳо, усулҳо, сохтори мақомот, интихоби кадрҳоро ифода мекунанд. Ташкили раванди идоракунӣ, худ таҳия ва татбиқи қарорҳои идоракуниро дар бар мегирад. Идоракунии объективӣ ҳамчун як раванд оиди таҳияи асосҳои илмӣ барои татбиқи фаъолияти инсон дар ташкил ва танзими истеҳсолот хизмат мекунад.

4. Методикаҳое, ки ҳамаи шартҳои боло зикршударо дар бар мегиранд, метавонанд на танҳо барои баҳодиҳии даврии натиҷаҳои истеҳсолот, балки барои баҳодиҳии вазъиятҳои ғайричашмдошт, ки бо дигаргунӣ дар арзишҳои воқеии нишондиҳандаҳо вобаста ҳастанд, истифода шаванд. Методикаҳои таҳлили нишондиҳандаҳои миқдорӣ ҷанбаҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ ва дигар ҷанбаҳои саноатикунониро инъикос мекунанд. Хусусияти хоси фаъолияти саноатӣ дар он аст, ки оқибатҳои татбиқи иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ ва дигар оқибатҳоро бо истифода аз усулҳои математикӣ ба ҳисоб гирифтан ва миқдоран муайян кардан ғайриимкон аст, аммо онҳоро низ нодида гирифтан мумкин нест. Дар чунин ҳолатҳо, бояд ба зеҳни қабулкунандагони қарор, таҷрибаи онҳо ва қобилияти онҳо оиди ёфтани роҳҳои ҳал, ки барои фаъолияти субъекти идорашаванда муфиданд такя кард.

5. Шаффофияти иттилоот, аз як тараф, хароҷоти трансаксиониро зиёд мекунад, аз тарафи дигар, ҳамчун омили боздоранда барои ҷалби

сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди минтақавӣ амал мекунад. Дар давраи баррасишаванда, сатҳи шаффофияти иттилоотии иқтисоди минтақавӣ аз 0,6 дар соли 2000 то 0,4 дар соли 2024 коҳиш ёфт. Маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақа низ ба ин омил вобаста шуда, чораҳои мушаххасро талаб мекунад. Таҳлили вазъи кунунии саноат дар вилояти Суғд нишон медиҳад, ки ин соҳа бо суръати мӯътадил рушд мекунад. Истеҳсоли саноатии минтақа дар доираи стратегияи умумии иқтисодиёти миллӣ, инчунин мувофиқи барномаҳои мушаххаси рушди иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ пеш рафта истодааст. Қайд кардан муҳим аст, ки саноат оиди ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ дар минтақа нақши калидӣ мебозад ва ҳамзамон шароитро барои ташаккул ва рушди робитаҳои корпоративӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ фароҳам меорад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки тиҷоратро дар минтақа самараноктар анҷом диҳанд.

6. Ҷузъҳои омилии иқтидори сармоягузорӣ ва ҷолибияти сармоягузории минтақа меъёрҳое мебошанд, ки сатҳи маблағгузориро дар иқтисодиёт муайян мекунанд. Бо муайян кардани ин нишондиҳандаҳо, сармоягузорон, новобаста аз шакли онҳо, қарорҳои сармоягузориро қабул мекунанд, ки мустақиман ба ҷараёни молиявии иқтисоди минтақа таъсир мерасонад.

7. Дар вилояти Суғд, маблағгузории соҳаи саноат, аз ҷумла ба саноаткунонӣ, ноустувор аст. Ҳисоб кардани вазни қиёсии маблағгузорӣ дар минтақа нишон дод, ки байни солҳои 2021 ва 2024 коҳиш ёфтааст ва ин дар коҳиши якбораи нишондиҳандаи дигар - мултипликатори сармоягузорӣ, ки 83% ташкил дод, инъикос ёфтааст. Аз нигоҳи назариявӣ, ин як шарҳи оддӣ дорад: ҳар қадар сармоягузорӣ дар соҳа зиёд бошад, ҳамон қадар мултипликатор баландтар аст, дар ҳоле ки ҳар қадар сатҳи маблағгузорӣ пасттар бошад, мултипликатори сармоягузорӣ ҳамон қадар паст мешавад. Аз ин рӯ, яке аз нишондиҳандаҳои асосии саноатикунонии муваффақ ва самаранокии он дар минтақа, ин ҳаҷми сармоягузорие мебошад, ки ба рушди самти мазкур равона шудааст. Сармоягузорӣ дар шаклҳои гуногуни он омили асосии рушди соҳаи саноат, некӯаҳволии мардум ва умуман пешрафти иқтисодиёти минтақа мебошад.

8. Маблағгузорӣ ба саноатикунонии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо принсипҳои иқтисоди сабз асос ёфтааст, аз фарҳанги экологӣ оғоз мешавад. Дар ин замина мактабҳо ва муассисаҳои нави таҳсилоти олӣ, ки ба талаботи иқтисоди сабз ҷавобгӯ мебошанд, таъсис дода мешаванд. Вазифаи асосии ин муассисаҳои таълимӣ тарбияи фарҳанги ахлоқӣ

дар ҷомеа мебошад, ки аъзоён ба бехатарии экологӣ афзалият медиҳанд. Тибқи ин барнома, дар сохтори донишгоҳҳо марказҳои гузаронидани тадқиқоти илмию амалӣ ва конструкторӣ таъсис дода мешаванд. Чунин марказҳо мушкилоти илмие, ки дар рафти татбиқи саноатикунонии устувори минтақа ба миён меоянд, ҳал мекунанд. Гузариш ба Саноати 4,0 ва 5,0 чораҳоеро барои ҳавасмандгардонии татбиқи ташаббусҳои "сабз" талаб мекунад, ки одатан аз ҷониби бахши хусусӣ ва ҷомеа ихтиёрӣ амалӣ карда мешаванд. Барои давлат, ин яке аз манбаъҳои маблағгузорӣ барои рушди иқтисоди сабз аст.

9. Раванди маблағгузорӣ ба саноатикунонии устувори иқтисодиёти вилояти Суғдро метавон чунин амалӣ кард: марҳилаи аввал маблағгузории фарҳанги экологӣ мебошад, яъне парвариши ахлоқ дар байни ҷомеа, то ки онҳо ба бехатарии экологӣ аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд. Марҳилаи дуюм маблағгузории истеҳсоли энергияи сабз мебошад, яъне васеъ кардани нерӯгоҳҳои мавҷудаи барқи обӣ, бодӣ, офтобӣ ва сохтани нерӯгоҳҳои нав. Марҳилаи сеюм, маблағгузории "сабзгардонии" кишоварзӣ мебошад, яъне тағйир додани механизми парвариши растаниҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза. Марҳилаи чорум, маблағгузории системаи нақлиёти минтақа барои гузариши бефосилаи тамоми нақлиёт ба воситаҳои нақлиётии экологӣ (экоавтомобилҳо) мебошад. Марҳилаи панҷум, маблағгузории соҳаи саноати коркард мебошад, ки барои табдил додани маҳсулоти кишоварзии сабз ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза хизмат мекунад. Марҳилаи шашум, маблағгузории танзим ва мониторинги партовҳо аз саноати истихроҷ ва металлургия мебошад, ки ба экосистемаи минтақа таъсири манфӣ мерасонанд.

**Тавсияҳо барои истифодаи амалӣ:**

1. Дар сатҳи минтақа, механизми мушаххаси идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодӣ, бояд вуҷуд дошта бошад. Унсурҳои асосии ин механизм бояд ҳавасмандгардонии "сабз", маблағгузории "сабз" ва фишангҳои дастгирии давлатиро дар бар гиранд. Пеш аз ҳама, бояд механизми банақшагирӣ ва пешгӯии рушди ҳавасмандгардонии "сабз" дар иқтисодиёт таҳия карда шавад. Банақшагирии рушди иқтисоди сабз бояд ба принсипҳои муайян, аз ҷумла заминаҳои мавҷуда барои рушди устувор дар минтақа, имкониятҳои мавҷуда барои рушди иқтисоди сабз, потенсиали захираҳои табиӣ, шароити мутобиқшавӣ ба саноати сабз ва ғайра асос ёбад.

2. Барои фароҳам овардани шароити воқеии саноатикунонии устувор, пешниҳодҳои зерин дода мешаванд:

- оптимизатсияи сармоягузориҳо ва хароҷоти давлатӣ (оптимизатсияи хароҷот дар соҳаҳое, ки иқтисоди сабзро ҳавасманд мекунанд);

- истифодаи андозҳои экологӣ ва дигар воситаҳои бозорӣ, ки таъсири берунаро ба муҳити атроф ва экология кам мекунанд;

- ислоҳоти экологӣ ба субсидияҳои буҷетии зараровар (маҳдуд кардани дастгирии давлатӣ барои соҳаҳое, ки сармояи табииро кам мекунанд);

- такмили танзими қонунгузорӣ;

- рушди ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи экология ва идоракунии захираҳо.

3. Барои беҳтар кардани маблағгузории саноатикунонӣ дар шароити ташаккули иқтисоди сабз, чораҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- зарур аст, ки саноатикунонии босуръати кишвар ба самти принсипҳои рушди устувор ва иқтисоди сабз равона карда шавад. Албатта, имрӯз даст кашидан аз модели анъанавии саноатӣ ғайриимкон аст, аммо ҷорӣ намудани тадриҷии технологияҳои “сабз” имкон медиҳад, ки иқтисоди сабз пайдо карда шавад;

- тақвияти ташаббусҳои “сабз” дар дохили субъектҳои иқтисодӣ омили калидӣ оиди гузариш ба модели иқтисоди сабз мебошад, зеро захираҳои молиявии ба ин соҳа равонашуда маҳз аз ҳамин ташаббусҳо сарчашма мегиранд;

- рушди энергияи алтернативӣ, масалан, истифодаи энергияи офтобӣ, бодӣ, ба иқлим ва табиати вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва дар шароити муосир тавсия дода мешавад, ки субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ ба таври васеъ барои таъмини мустақилонаи энергияи алтернативӣ ташвиқ карда шаванд;

- зарур аст, ки воситаҳои иловагии ҳавасмандгардонӣ истифода шаванд, барои ҷорӣ намудани технологияҳои “сабз” дар кишоварзӣ ва саноати коркард. Аз ин рӯ, ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин масъала зарур аст.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДАР МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшаванда:**

[1-А] Сатторов, Ш.А. Теоретические аспекты факторов реализации успешной индустриализации национальной экономики [Текст] / Ш.А. Сатторов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. – № 4-1(49). – EDN FHEBJW.

[2-А] Сатторов, Ш.А. Управление финансированием и инструменты стимулирования экспорта в современных условиях Республики Таджикистан [Текст] / Ш.А. Сатторов, Р.С. Шокиров // Таджикистан и современный мир. – 2023. – № 4(84). – С. 204-217. – EDN RIEGKX.

[3-А] Сатторов, Ш.А. О методах оценки развития промышленности экономики региона [Текст] / Ш.А. Сатторов, Р.С. Шокиров, А.А. Назарматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 4. – С. 39-48. – EDN FIVKFP.

[4-А] Сатторов, Ш.А. Факторы, влияющие на управление финансированием индустриализации региональной экономики [Текст] / Ш.А. Сатторов, Р.С. Шокиров // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2025. – № 1(102). – С. 135-145. – DOI 10.24412/3005-8023-2025-1-135-145. – EDN JHUZYQ.

[5-А] Сатторов, Ш.А. Управление финансированием индустриализации в условиях становления зеленой экономики [Текст] / Ш.А. Сатторов, Д.И. Ибрагимова // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2025. – № 4(75). – С. 173-179. – EDN ASGYCG.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-А] Сатторов, Ш.А. Перспективные источники финансирования индустриализации Республики Таджикистан [Текст] / Ш.А. Сатторов // Актуальные вопросы современной экономики. – 2022. – № 7. – С. 165-182. – EDN AUAYDF.

[7-А] Сатторов, Ш.А. Сущность, значение и роль индустриализации государства в экономике Республики Таджикистан [Текст] / Ш.А. Сатторов // Актуальные вопросы современной экономики. – 2022. – № 6. – С. 662-673. – EDN ATQXAO.
[8-А] Сатторов, Ш.А. Реализация индустриальной политики государства (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / Ш.А. Сатторов // Наука, исследования, образование: новые вызовы современности: Сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции, Москва, 31 мая 2022 года – С. 193-196. – EDN AURUGJ.
[9-А] Сатторов, Ш.А. Омилҳои рушди соҳаи саноат дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.А. Сатторов, Р.С. Шокиров // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2023. – No. 1(26). – P. 81-91. – EDN BIGSGQ.
[10-А] Сатторов, Ш.А. Моҳият ва зарурати идоракунии маблағгузори ба саноаткунонии иқтисодиёти минтақа [Матн] / Ш.А. Сатторов, Р.С. Шокиров // Актуальные вопросы финансовой системы в условиях перехода к цифровой экономике // Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Худжанд, 3 мая 2023 года). – Худжанд: ИП Файзибаев М.М. «Меъроч», 2023 – С. 164-168.
[11-А] Сатторов, Ш.А. Институциональные факторы управления финансированием предпринимателей промышленного сектора экономики региона [Текст] / Ш.А. Сатторов, Р.С. Шокиров // Финансово-экономические аспекты развития туризма и предпринимательства в Республике Таджикистан // Материалы международной научно-практической конференции, г. Худжанд, 6-7 декабря 2023г. – С. 49-55.
[12-А] Сатторов, Ш.А. Меры повышения эффективности управления финансированием промышленной сферы экономики региона (на примере Согдийской области Республики Таджикистан) [Текст] / Ш.А. Сатторов, Р.С. Шокиров // Эффективное развитие региональных социально-экономических систем в современных реалиях: инновации, устойчивость и безопасность: материалы международной научно-практической конференции, Владимир, 21 декабря 2023 года. – Владимир: Владимирский государственный университет им. Александра Григорьевича и Николая Григорьевича Столетовых, 2023. – С. 485-490. – EDN DMCUSV.

# СПИСОК ИСПОЛЬЗОВАННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

## Нормативно-правовые акты:


[1]. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28.12.2024 [электронный ресурс]. URL: https://www.president.tj/event/missives/49237 (дата обращения: 12.02.2025)

[2]. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28.12.2023 [электронный ресурс]. URL: https://prezident.tj/event/missives/36370 (дата обращения: 11.08.2024)

[3]. Годовые отчеты Главного управления Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2000-2024 гг.

[4]. Годовые отчеты управления по инвестициям и управлению государственным имуществом Согдийской области РТ за 2000-2024 гг.

[5]. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. – Душанбе, 2016. – 104 с.

[6]. Статистический ежегодник Согдийской области: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2004. – 253 с.

[7]. Статистический ежегодник Согдийской области: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2005. – 285 с.

[8]. Статистический ежегодник Согдийской области: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2023. – 418 с.

[9]. Статистический ежегодник Согдийской области: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2025. – 445 с.

[10]. Таджикистан: 20 лет государственной независимости / Статистический ежегодник Согдийской области: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2011. – 504 с.

[11]. Таджикистан: 30 лет государственной независимости / Статистический ежегодник Согдийской области: Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области, 2021. – 746 с.

## Монографии и учебники:

[12]. Иншаков, О.В. О стратегии развития Южного макрорегиона России: (Методологические и методические проблемы формирования): научный доклад / О.В. Иншаков. – Волгоград: Изд-во ВолГУ, 2003. – 96 с.

[13]. Киргуев, А.Т. Социально-экономическая политика субъекта Российской Федерации в условиях дезинтеграции хозяйственного пространства / А.Т. Киргуев. – Ростов-на-Дону: Издательство СКНЦ ВШ, 2006. – 174 с.

[14]. Мескон, М.Х. Основы менеджмента: учебник / М.Х. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури; перевод с английского М.А. Майоровой, Э.В. Шустера; под общей редакцией Л. И. Евенко. – Москва: Дело, 1997. – 704 с.

[15]. Овчинников, В.Н. Силуэты региональной экономической политики на Юге России: монография / В.Н. Овчинников, Ю.С. Колесников. – Ростов-на-Дону: Издательство Южного федерального университета, 2008. – 176 с.

[16]. Побережников И.В. Переход от традиционного к индустриальному обществу: теоретико-методологические проблемы модернизации. − Москва: РОССПЭН, 2006. − 240 с.

[17]. Фюкс, Р. Зеленая революция: Экономический рост без ущерба для экологии / Р. Фюкс; перевод с немецкого [Е. В. Шукшиной]. – Москва: Альпина нон-фикшн, 2017. – 330 с.

[18]. Хашева, З.М. Антикризисный компонент региональной социально-экономической политики: факторы, принципы, стратегии и инструменты: монография / З.М. Хашева. – Краснодар: Южный институт менеджмента, 2009. – 286 с.

## Диссертации и авторефераты:

[19]. Акбергенова, Д.А. Роль иностранного капитала в социально-экономическом развитии Республики Казахстан: состояние и

перспективы: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук: специальность 08.00.14 / Акбергенова Диляра Абылкеримовна; [Место защиты: Российский университет дружбы народов]. – Москва, 2013. – 24 с.
[20]. Юнусов, Л.А. Прямые иностранные инвестиции в условиях глобализации мировой экономики: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук: специальность 08.00.14 / Юнусов Ленар Альбертович; [Место защиты: Российский государственный торгово-экономический университет]. – Москва, 2009. – 42 с.
[21]. Якушкина, Н.П. Новые источники инвестиций в условиях модернизации экономики России: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук: специальность 08.00.01 / Якушкина Надежда Петровна; [Место защиты: Московский государственный университет имени М.В. Ломоносова]. – Москва, 2013. – 26 с.

**Научные статьи:**

[22]. Алиджанова, С.А. Таҷрибаи хориҷии идоракунии партов ҳамчун самти рушди иқтисодиёти сабз дар Тоҷикистон [Матн] / С.А. Алиджанова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – No. 2(99). – P. 71-78. – DOI 10.24412/3005-8023-2024-2-71-78. – EDN ZRTFDS.
[23]. Бабаджанов, Д.Д. Инвестиции и экономический рост [Текст] / Д.Д. Бабаджанов, Ф.Т. Шокиров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 2. – С. 96-105. – EDN SVMRED.
[24]. Бобоев, Ф.Ҷ. Таҷрибаи байналмиллалии татбиқи маблағгузории сабз [Матн] / Ф.Ҷ. Бобоев // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2022. – No. 4(60). – P. 80-84. – EDN RGKBEN.
[25]. Бойматов, А.А. Сиёсати идоракунии давлати дар низоми иқтисоди бозории минтақа [Матн] / А.А. Бойматов, М.Х. Хайдарова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2020. – No. 4(85). – P. 37-44. – EDN HCXFAJ.

[26]. Газибеков, С.А. Генезис теории управления [Текст] / С.А. Газибеков // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2013. – № 1(53). – С. 52-59. – EDN QZDSTN.
[27]. Губанов, С.С. Новая индустриализация. Прогресс или регресс [Текст] / С.С. Губанов, М.М. Мусин // Сверхновая реальность. – 2013. – № 6. – С. 20–27.
[28]. Давлатзода, К.К. Конкурентоспособность промышленных предприятий в современных условиях: «зеленый» переход и экологические инициативы [Текст] / К.К. Давлатзода, Ф.А. Кодиров // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2024. – № 4(86). – С. 24-38. – EDN CQXGWB.
[29]. Дадоматов, Д.Н. Управление инвестициями в региональной экономической системе: опыт зарубежных стран [Текст] / Д.Н. Дадоматов, З.Т. Сохибназаров // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2024. – № 3(58). – С. 210-218. – EDN OTPYRB.
[30]. Довбий, И.П. «Новая индустриализация» в России как фактор перехода к «зеленой» экономике [Текст] / И.П. Довбий, А.Н. Дегтеренко, В.В. Кобылякова // Финансовый журнал. – 2020. – Т. 12, № 4. – С. 85-100. – DOI 10.31107/2075-1990-2020-4-85-100. – EDN GDTKZP.
[31]. Дроздов, Б.В. Перспективные направления новой индустриализации России [Текст] / Б.В. Дроздов // Экономическая и философская газета. – 2014. – № 7–8 (февраль). – С. 4–5.
[32]. Зотов В.М., Абдикеев Н.М. Новые технологии управления финансированием инноваций в промышленности [Текст] // Журнал: Финансы: теория и практика. 2021. Т. 25. № 6. С. 112-127.
[33]. Исайнов, Х.Р. «Зеленая экономика» Таджикистана: проблемы формирования и перспективы развития [Текст] / Х.Р. Исайнов, А.Р. Исраилова, У.Х. Казокзода // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 1(40). – С. 253-263. – EDN OKNSQV.
[34]. Исмаилов, М.М. Моделирование повышения конкурентоспособности промышленных предприятий [Текст] / М.М. Исмаилов, М. Саидов // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2017. – № 2(41). – С. 270-277. – EDN YVGBYW.

[35]. Исмаилова, М.М. Институциональные преобразования в развитии факторов конкурентоспособности малого и среднего бизнеса. (методологические вопросы) [Текст] / М.М. Исмаилова, М.И. Исмаилова // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2022. – Т. 63, № 4. – С. 112-119. – EDN GGSBJD.
[36]. Колбачев Е.Б., Ефимов А.В. Эффективное управление корпоративными знаниями в промышленности - условие успеха «Новой индустриализации» [Текст] // Вестник Южно-Российского государственного технического университета (НПИ). Серия: Социально-экономические науки. 2014. № 5. С. 12-22.
[37]. Колесов Р.В., Бурыкин А.Д. Разработка методики планирования и привлечения финансовых ресурсов промышленными предприятиями [Текст] // Вестник БИСТ (Башкирского института социальных технологий). 2016. № 1-1 (30). С. 49-59.
[38]. Кузьмина Н.А. ВИАМ – От индустриализации XX века к индустриализации XXI века [Текст] // Новости материаловедения. Наука и техника. 2015. № 1 (13). С. 9.
[39]. Кулагина, А.Г. Интегральная оценка инвестиционной привлекательности региона [Текст] / А.Г. Кулагина, Т.В. Картузова // Вестник Чувашского университета. — 2013. — № 2. — С. 270–275.
[40]. Кульков, В.М. Новая индустриализация в контексте экономического развития России [Текст] // Экономика. Налоги. Право. 2015. № 2. С. 81–85.
[41]. Мелешко, Ю.В. Новая индустриализация и тенденции модернизации Белорусской промышленности [Текст] // Наука и техника. 2021. Т. 20. № 4. С. 357-364.
[42]. Московцев, В.В. Комплексный подход к формированию региональной инновационной системы [Текст] / В.В. Московцев, Л.В. Московцева // Региональная инновационная система: состояние, проблемы, направления формирования: сб. науч. тр. по итогам науч.-практ. конф. по проблемам развития инновац. деятельности в Липец. обл., 14–15 нояб. 2013 г. / Елец. гос. университет им. И. А. Бунина. – Елец, 2013. – С. 13 – 19.

[43]. Назаров А.А. Региональные особенности формирования и развития предпринимательства [Текст] // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. 2012. № 1 (49). С. 56-67.
[44]. Назаров, Т.Н. Экономика Таджикистана: Новое качество [Текст] / Т.Н. Назаров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2020. – № 1(259). – С. 7-21. – EDN WSJXBQ.
[45]. Низомова Т.Д., Раҳмонов Ҷ.Р. Саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди инноватсионии саноати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2022. № 2 (78). С. 134-149.
[46]. Никоноров, С.М. Применение элементов зелёного финансирования экопроектов в регионах АЗРФ [Текст] / С.М. Никоноров // Арктика 2035: актуальные вопросы, проблемы, решения. – 2021. – № 4(8). – С. 74-79. – DOI 10.51823/74670_2021_4_74. – EDN DDNAYD.
[47]. Одинаев, Ҳ.А. Тоҷикистон дар масири рушди устувор [Матн] / Ҳ.А. Одинаев // Международные отношения и безопасность. – 2022. – No. 2(2). – P. 111-128. – EDN KUJNJF.
[48]. Пыльнева, Т.Г. «Зеленая металлургия»: экономические аспекты совершенствования природопользования [Текст] / Т.Г. Пыльнева, Г.И. Александров, С.О. Качалов // Вопросы современной науки и практики. Университет им. В.И. Вернадского. – 2018. – № 1(67). – С. 37-47. – DOI 10.17277/voprosy.2018.01.pp.037-047. – EDN XOBXWH.
[49]. Рахимов, А.М. Эффективность использования факторов производства в промышленности Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Рахимов // Вестник науки. – 2022. – Т. 1, № 12(57). – С. 71-78. – EDN DLMJVL.
[50]. Ризокулов, Т.Р. Зарубежный опыт формирования режимов денежно-кредитной политики и их использование в экономике Таджикистана [Текст] / Т.Р. Ризокулов, Р.А. Азизбоев // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2024. – № 4(101). – С. 128-138. – DOI 10.24412/3005-8023-2024-4-128-138. – EDN FXCFZQ.
[51]. Руднева Н.И., Шпаковская В.С., Гусева С.Ю. Индекс инвестиционной привлекательности регионов в контексте обеспечения экономической безопасности территорий: краткая методология [Текст] // Наука и образование. 2022. №4.

[52]. Рукосуев Е.Ю., Шумкин Г.Н. Процессы индустриализации в золотоплатиновой промышленности Урала в конце XIX - начала XX века (по материалам статистических обзоров горного ученого комитета) [Текст] // Экономическая история: ежегодник. 2021. Т. 2020. С. 150-169.
[53]. Руцкий, В.Н. «Зеленая» экономика как фактор производительности труда в обрабатывающей промышленности стран Европейского союза [Текст] / В.Н. Руцкий, М.В. Осипенко // Финансовый журнал. – 2020. – Т. 12, № 4. – С. 69-84. – DOI 10.31107/2075-1990-2020-4-69-84. – EDN YESTEC.
[54]. Рыбаков, А.М. Новая индустриализация России [Текст] / А.М. Рыбаков // Вятская торгово-промышленная палата: [официальный сайт]. — Киров, 2026. — URL: http://www.vcci.ru [дата обращения: 25.01.2026]. — Текст: электронный.
[55]. Саидмуродов, Л.Х. Модели долгосрочного прогнозирования отраслей национальной экономики [Текст] / Л.Х. Саидмуродов, Ш. Рахимзода, Ф.М. Муминова. – Душанбе: Институт экономики и демографии, 2024. – 170 с. – EDN XCUIXL.
[56]. Салтыкова Я.А. К вопросу о трансформации мирового рынка стали под влиянием всеобщей индустриализации и цифровизации промышленности [Текст] // Russian Economic Bulletin. 2019. Т. 2. № 6. С. 138-143.
[57]. Сальникова, Ю.К. Новая индустриализация как базовая парадигма комплексной модернизации российской экономики [Текст] / Ю. К. Сальникова // Вестник Южно-Российского государственного технического университета (НПИ). Серия: Социально-экономические науки. – 2015. – № 6. – С. 128-135. – EDN VDLTAZ.
[58]. Сериков С.Г. Выявление специфики общественного воспроизводства Амурской области с помощью производственной функции Кобба - Дугласа [Текст] // Вестник университета. 2019. № 12. С. 144-153.
[59]. Татаркин, А.И. Новая индустриализация экономики России: потребность развития и/или вызовы времени [Текст] / А. И. Татаркин // Экономическое возрождение России. – 2015. – № 2(44). – С. 20-31. – EDN UAEMSF.
[60]. Урунов А.А., Авезова М.М., Насимова М.А. Методологические и практические аспекты выявления полюсов развития и точек роста в

региональной экономике [Текст] // Вестник университета. 2020. № 5. С. 161-168.
[61]. Ходиев, Д.А. Совершенствование организационно-экономического механизма взаимодействия предпринимательских структур и научно-образовательных учреждений в контексте инновационного развития [Текст] / Д. А. Ходиев, Н. М. Ахмадбекова // Экономика Таджикистана. – 2020. – № 1. – С. 131-141. – EDN WSCKVV.
[62]. Холбобоев, Ф.С. Сармоягузорӣ - ҳамчун омили асосии рушди устувори иқтисоди миллӣ [Матн] / Ф.С. Холбобоев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2023. № 4. С. 23-31.
[63]. Ҳошимзода, Ҳ.Ҳ. Таъмини захиравии рушди соҳаи саноат ва дурнамои он [Матн] / Ҳ.Ҳ. Ҳошимзода // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – No. 3(100). – P. 130-139. – DOI 10.24412/3005-8023-2024-3-130-139. – EDN GSFCXJ.
[64]. Ширапов, Ц.Д. Понятие, сущность и содержание отрасли и отраслевой структуры экономики региона [Текст] / Ц. Д. Ширапов // Вестник Бурятского государственного университета. Экономика и менеджмент. – 2015. – № 1. – С. 59-67. – EDN WAGHDV.
[65]. Шокиров Р.С., Икроми Ш., Зеленое финансирование в поддержку предпринимательство в Республике Таджикистан [Текст] // Доклады национальной академии наук Таджикистана, серия общественных наук, №2(018), 2022 – С. 152 – 157.
[66]. Шумкин Г.Н. Вектор равных затрат как метод изучения процесса индустриализации (по данным производительности труда в железоделательной и сталелитейной промышленности Урала конца XIX - начала XX в.) [Текст] // Экономическая история. 2021. Т. 17. № 2 (53). С. 144-160.

**Источники на английском языке:**

[67]. Pack H., Saggi K. Is There a Case for Industrial Policy? A Critical Survey. The World Bank Research Observer, Volume 21, Issue 2, Fall 2006, Pages 267–297
[68]. Pulatov J. The role of innovative industrialization in the development of the national economy // Актуальные научные исследования в современном мире. 2020. № 3-3 (59). С. 28-31.

## АННОТАЦИЯ

**к диссертации Сатторова Шарифджона Амировича на тему «Управление финансированием индустриализации экономики региона (на примере Согдийской области РТ)», представленной к защите на соискание учёной степени доктора философии (PhD) - доктора по специальности 6D050600 – Экономика (6D050603 – Территориальная экономика)**

**Ключевые слова:** управление финансированием, индустриализация, инвестиции, региональная экономика, зеленая экономика, региональный рост и развитие

**Цель исследования.** Развитие теорий и методических аспектов системы управления финансированием индустриализации в региональной экономике в современных условиях.

**Методы исследования.** В процессе подготовки диссертационной работы использовались общенаучные принципы познания экономических явлений – сравнение, критический анализ, системный анализ, индукция, дедукция, агрегирование, научная абстракция, статистический анализ и экспертные оценки.

**Научная новизна** заключается в развитии теоретических и методических аспектов финансовой обеспеченности индустриализации региональной экономики в современных условиях, а также в разработке научно – практических рекомендаций по совершенствованию процесса управления финансированием индустриализации в экономике Согдийской области Республики Таджикистан. Предложен авторский понятийный аппарат категории «управление финансированием индустриализации» и выявлена взаимосвязь между теориями управления и региональной экономики. Выявлена современное состояние индустриализации экономики Согдийской области и особенности финансовой обеспеченности данного процесса в регионе. Приведена результаты количественной и качественной оценки влияния управленческих решений на инвестиционную активность и экономический рост Согдийской области. Разработан механизм управления финансированием индустриализации в условиях зеленой экономики и научно-практические рекомендации по совершенствованию процесса управления финансированием индустриализации экономики региона.

По результатам исследования научно обоснованы и предложены рекомендации по совершенствованию управлением финансирования индустриализации экономики региона Согдийской области РТ.

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Сатторов Шарифҷон Амирович дар мавзуи “Идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди ҶТ)”, ки барои ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) пешниҳод шудааст**

**Калидвожаҳо:** идоракунии маблағгузорӣ, саноатикунонӣ, сармояҳо, иқтисодиёти минтақавӣ, иқтисодиёти сабз, рушди иқтисодиёти минтақа

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ ин рушди назарияҳо ва ҷанбаҳои методологии низоми идоракунии маблағгузорӣ ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақавӣ дар шароити муосир.

**Асосҳои методологии тадқиқот.** Дар раванди таҳияи рисола принсипҳои умумии илмии дарки падидаҳои иқтисодӣ истифода шудаанд: муқоиса, таҳлили интиқодӣ, таҳлили системавӣ, индуксия, дедуксия, агрегатсия, абстраксияи илмӣ, таҳлили оморӣ ва арзёбиҳои коршиносӣ.

**Нововарии илмӣ** дар таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таъмини молиявии саноатикунонии иқтисоди минтақавӣ дар шароити кунунӣ, инчунин дар таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалӣ барои беҳтар кардани раванди идоракунии маблағгузории саноатикунонӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф фаҳмиши мафҳумиро барои категорияи “идоракунии маблағгузории саноатикунонӣ” пешниҳод мекунад ва робитаи байни назарияҳои идоракунӣ ва иқтисоди минтақавиро муайян мекунад. Ҳолати кунунии саноатикунонӣ дар вилояти Суғд ва хусусиятҳои амнияти молиявии ин раванд дар минтақа муайян карда шудаанд. Натиҷаҳои арзёбии миқдорӣ ва сифатии таъсири қарорҳои идоракунӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ дар вилояти Суғд пешниҳод карда шудаанд. Механизми идоракунии маблағгузории саноатикунонӣ дар шароити иқтисоди сабз ва тавсияҳои илмӣ ва амалӣ барои беҳтар кардани раванди идоракунии маблағгузории саноатикунонӣ дар иқтисодиёти минтақа таҳия карда шудаанд.

Бар асоси натиҷаҳои тадқиқот, тавсияҳо барои беҳтар кардани идоракунии маблағгузории саноатикунонии иқтисодӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

**ANNOTATION**

**to the dissertation of Sattorov Sharifjon Amirovich on the topic "Managing the Financing of Industrialization of the Regional Economy (using the Sughd Region of the Republic of Tatarstan as an example)", submitted for defense for the degree of Doctor of Philosophy (PhD) in the specialty 6D050600 – Economics (6D050603 – Territorial Economics)**

**Keywords:** financial management, industrialization, investment, regional economy, green economy, regional growth and development

**Purpose of the study.** Development of theories and methodological aspects of the system of managing industrialization financing in the regional economy in modern conditions.

**Research methods.** In the process of preparing the dissertation, general scientific principles of understanding economic phenomena were used: comparison, critical analysis, systems analysis, induction, deduction, aggregation, scientific abstraction, statistical analysis and expert assessments.

**The scientific novelty** lies in the development of theoretical and methodological aspects of financial security for the industrialization of the regional economy in the current context, as well as in the development of scientific and practical recommendations for improving the process of managing industrialization financing in the economy of the Sughd region of the Republic of Tajikistan. The author proposes a conceptual framework for the category of "managing industrialization financing" and identifies the relationship between theories of management and regional economics. The current state of industrialization in the economy of the Sughd region and the specific features of financial security for this process in the region are identified. The results of a quantitative and qualitative assessment of the impact of management decisions on investment activity and economic growth in the Sughd region are presented. A mechanism for managing industrialization financing in the context of a green economy and scientific and practical recommendations for improving the process of managing industrialization financing in the region's economy have been developed.

Based on the results of the study, recommendations for improving the management of industrialization financing of the economy of the Sughd region of the Republic of Tatarstan were scientifically substantiated and proposed.

Сдано в набор ____________2026 г.
Пописано в печать ____________2026 г.
Формат 60x84 1/16. Бумага офсетная
Усл. п.л. ___,00 Заказ №___. Тираж ____ экз.

*Отпечатано в типографии Технологического парка ТГУПБП*
*г.Худжанд, 17 мкр., дом 1.*

Ба матбаа __________2026 с. супорида шуд.
Ба чопаш __________2026 с имзо шуд. Қоғази офсет
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи ч.ш. ____,00
Супориши №___. Адади нашр _____ нусха

*Матбаи Парки технологии ДДҲБСТ*
*ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17-ум, хонаи 1.*